ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

УДК:338+334.762 (575.3)
ББК 65.68+65.9(2)
С-33

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

**САФАРЗОДА САФАРМАД САИД**

# ТАКМИЛИ МЕХАНИЗМҲОИ ДАСТГИРИИ САРМОЯГУЗОРИИ СИЁСАТИ ИҚТИСОДӢ-ИҶТИМОИИ МИНТАҚА

**(**дар мисоли ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ**)**

## АВТОРЕФЕРАТИ

**диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ**

**ДУШАНБЕ – 2025**

Диссертатсия дар Институти илмӣ-таҳқиқотии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ:** **Бобоҷониён Даврон Дадоҷон** – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, муовини ректор оид ба таълими Муассисаи давлатии «Донишкадаи байналмиллалии Хуҷанд»-и Донишгоҳи байналмиллалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:** **Ҳошимзода Ҳомид Ҳасан –** доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, муовини якуми вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон;

**Муртазозода Ораз** – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, муовини якуми директори Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Муассисаи пешбар:** Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров».

Ҳимояи диссертатсия «28» феврали соли 2026, соати 10:00 дар маҷлиси шурои диссертатсионии 6D.КОА-13 назди Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон баргузор мегардад. Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, маҳаллаи 17, хонаи 1, бинои таълимии №5, e-mail: http://ds.tsulbp.tj, телефони котиби илмӣ: (+992) 928582212.

Бо диссертатсия ва автореферат дар китобхонаи илмии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон ва тавассути сомонаи http://ds.tsulbp.tj шинос шудан мумкин аст.

Автореферат «____» _____________ соли 2026 фиристода шудааст.

**Котиби илмии**
**шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент** **Саиджонов С.Ш.**

## МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Дар замони имрӯза, бо назардошти дигаргуншавии вазъи иқтисодӣ-сиёсӣ ва равнақу тавсеаёбии раванди ҳамгирой дар саросари олам, фаъолгардонӣ ва беҳдоштсозии масъалаи сармоягузориҳо дар ривоҷу рушди минтақаҳо зарурат ва мубрамияти бештарро касб менамояд. Дар ин гуна шароит масъалаҳои мансуб ба сармоягузорӣ барои таҳқиқотчиён ҷолибияти зиёдтарро ба бор меоварад, зеро аз як тараф ҷаҳонишавии иқтисод ва аз тарафи дигар ҷангҳои иқтисодӣ ва эълони таҳримҳо, махсусан дар самти ҷалби сармоя боис ба коҳиши сармоя ва сармоягузориҳо гардида истодаанд. Тавре аз мушоҳидаҳо бар меояд, масъалаи сармоя ва сармоягузорӣ дар кишвар ба як ҳангома табдил ёфтааст, зеро дар шароити торафт ноустуворгардии иқтисоди ҷаҳон тақвиятбахшии иқтисоди миллӣ ва махсусан минтақаҳои он шарти зарурии таъмини суботи иқтисодӣ-иҷтимоӣ маҳсуб меёбад. Мувофиқ ба маълумотҳои оморӣ, ҷалби сармоя ва сармоягузорӣ дар кишвар бо маром дар ҳоли афзоишёбӣ қарор дорад, аммо новобаста аз он, минтақаҳои кишвар тибқи тақозои замони муосир равнақ надоранд, чунин ҳолат дар шароити торафт босуръатшавии рақобат дар бозорҳои минтақавию ҷаҳонӣ барои иқтисоди миллӣ манфиатовар нест.

Таҳқиқи ҷанбаҳои методии фароҳамоварии фазои сармоягузорӣ барои рушду тақвияти сармоягузорӣ аз мавқеи рақобатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бозорҳои дохилӣ ва берунӣ мусоидат мекунад.

Лозим ба ёдоварист, ки талабот ба дарёфти роҳҳои ба амал овардани сармоягузорӣ дар минтақа, масъалаи таҳлил ва баррасии таъсири омилҳои ташаккулёбии имконоти сармоягузории минтақаро дучанд мегардонад. Бар ин асно, бо эҳтимоли зиёд метавон иброз дошт, ки омӯзиш ва таҳлилу таҳқиқи ҷанбаҳои методӣ барои барпонамоии фазои сармоягузории муносибу тақозопазир, ҷиҳати таъмину тақвиятбахшии сармоягузорӣ фурсат дорад дар беҳдошти рақобатпазирии иқтисоди миллӣ дар бозорҳои дохилию хориҷӣ нақши назаррасро иҷро намояд. Дар ин ҷода, бозёфти роҳу услҳои татбиқнамоии сармоягузориҳо дар минтақа мубрамияти бештарро пайдо менамояд.

Марҳилаи татбиқи ислоҳоти иқтисодӣ, ки ҳанӯз дар ибтидои солҳои 2000-ум аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи муосири давлатдорӣ ба сомон расонида шудаанд, инъикосдиҳандаи онанд, ки ин марҳила бо таҳаввулоти қатъӣ дар сиёсати молиявии давлат тавсиф карда мешавад. Таҳаввулоти аслӣ дар сиёсати давлат, ин бунёди давлати дунявӣ, ҳуқуқбунёд, демократӣ ва ҷоринамоии иқтисоди бозорӣ бо риояи принсипҳои ба ин модел хос маҳсуб меёбад.

Тавсеаи сатҳи некуаҳволии дилхоҳ кишвари олам хароҷотҳои молиявиро тақозо менамояд. Дар ин росто Ҷумҳурии Тоҷикистон баъд аз мӯътадил ва устуворнамоии вазъи сиёсӣ ба дастгирии молиявӣ ниёзи зиёд пайдо намуд. Маълум аст, ки сармоягузорӣ ифодагари асоситарин омили равнақи иқтисодӣ ба ҳисоб меравад, чунин ҳолат аз аҳамияти хосаи сармоягузорӣ ба бахшҳои мухталифи иқтисодӣ далолат менамояд. Муҳимтарин параметрҳо дар низоми

шохисҳои макроиқтисодӣ, ки тавсифгари тавсеаи иқтисодии кишвар муаррифгари вазъи иқтисодӣ-иҷтимоии ҷомеа мешаванд, ин шохисҳои муаррифгари вазъи иқтисодӣ-иҷтимоии ҷомеа мебошанд. Бо таваҷҷуҳ ба андеша ва назароти ироагардида метавон иброз намуд, ки дар айни ҳол мавқеъ ва нақши сармоягузориҳо бо назардошти амалисозии доираи маҷмӯи нақша-чорабиниҳо барои тақвият ва беҳдошти равнақи иқтисодӣ-иҷтимоии кишвар ниҳоят мубрам арзёбӣ мегардад.

Дар Паёми Пешвои миллат, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ ҳанӯз дар соли 2019-ум дурнамои рушди соҳаҳои гунонуни ҷомеаи навини Тоҷикистон муайян гардида буданд, аз ҷумла, пешниҳодҳои Пешвои миллат, Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар таҳкими сохти давлатдорӣ, таъмини субот, пешрафту шукуфоии ҷумҳурӣ, бунёди ҷомеаи дунявӣ ва фароҳам овардани зиндагии шоиста ба мардум нақши бориз дорад. Тавре Пешвои миллат, Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олӣ зикр намуда буданд: «Татбиқи чорабиниҳои «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» ва «Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025» ҷиҳати расидан ба ҳадафи олии мо, яъне баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардуми шарифи мамлакат мусоидат хоҳад намуд». Аз тарафи дигар, эълон шудани солҳои 2019-2021 ҳамчун «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» худ як паём ҷиҳати густариши минтақаҳои кишвар ва равнақу тавсеаёбии ҳунарҳои кадимию анъанавии хусусияти иқтисодидошта маҳсуб меёбад [13, с. 1].

Бо таваҷҷуҳ ба таҳлилҳои дар ин самт амалигашта метавон гуфт, ки марҳилаи ибтидоии таҳаввулоти иқтисодӣ дар ҷумҳуриҳои пасошуравӣ бо коҳиши нақши мақомотҳои идоракунандаи давлатӣ дар танзими фароиндҳои (раванд) иқтисодӣ-иҷтимоӣ тавсиф меёбад. Гузариш аз механизми тақсимоти нақшавии захираҳои давлатӣ ба принсипи тақсимоти инъитофии (чандир) бозорӣ ба коҳиши шадиди сатҳи некуаҳволии аҳолӣ ва харобшавии вазъи иқтисодии кишвар оварда расонид. Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон марҳилаи гузариш ба равобити иқтисодӣ ва расидан ба соҳибистиқлолӣ бо солҳои ҷанги шаҳрвандӣ ва сар задани офатҳои табиӣ рост омад, ки оқибатҳои он ба иқтисоди миллӣ ва махсусан тавлидот зарари ниҳоят бузург расониданд.

Дар ҳоли ҳозир, мушкилиҳо ва муаммоҳои мавҷуда дар самти таҳқиқотҳои мансуб ба паҳлуҳои мухталифи сармоягузорӣ то ба ҳол барои илми иқтисодӣ ба унвони мубрамтарин масъала маҳсуб меёбанд, сармоягузорӣ дар фаъолияти хоҷагидорӣ таъсири зиёд дошта, инъикосгари раванди равнақу ривоҷи иқтисодиёти миллӣ ва минтақаҳои он ба шумор меравад. Ба ҳамагон маълум аст, ки такмили механизми дастгирии сиёсати иқтисодӣ-иҷтимоии минтақаҳо барои кишвари мо ҳамчун яке аз ҳадафҳои умумимиллӣ ба ҳисоб меравад.

Барои такмили минбаъдаи механизми дастгирии сиёсати иқтисодӣ-иҷтимоии минтақаҳо, иштироки фаъолонаи ҳама тарафҳои фароянди фазои сармоягузорӣ ва идоранамоии хавфҳои сармоягузорӣ муҳим ба шумор меравад.

Саҳми қобили таваҷҷуҳ дар тавсеаи назария ва равишҳои мушкилоти ҷалб, танзим ва истифодаи сармоягузориҳо тавассути донишмандони шинохташудаи хориҷӣ Дж.М. Кейнс, А. Смит, У.Ф. Шарп, Л. Григорев, Я. Дерябина, А.А.

Иванов, А.В. Любомудров, Л.В. Плахова, В.Бочаров, В.П. Попков, Я.С. Мелкумо, Ф.С. Тумусов, С.В. Зенченко, М.Н. Черкасов, Ю.С. Шпинев ва дигарон анҷом дода шудааст.

Масоили такмили механизми дастгирии сармоягузории сиёсати иқтисодӣ-иҷтимоии минтақаҳо дар осорҳо ва заҳматҳои илмии олимон-иқтисодчиёни ватанӣ, ба монанди Қ.Қ. Давлатзода, М.Т. Каримова, С.Ҷ. Комилов, Х.У. Умаров, З.С. Султонов, Х.А. Одинаев, А.Б. Мирсаидов, Д.Б. Қодиров, Ш.Т. Одинаев, А.А. Бегматов, А.К. Сафоев, Б.С. Музаффаров, Л.Ҳ. Саидмуродов, Ё.Э. Тилабов, Т.Т. Файзуллоев, М.Н. Тошматов, Х.Р. Улуғхоҷаева, У.А. Шарипов ва дигарон мавриди таҳқиқ қарор дода шудаанд.

Бар ин асос, масоили босамар истифоданамоии воситаҳои марбут ба сармоягузорӣ барои тавсеаи иқтисодӣ-иҷтимоии минтақа, беҳсозии инфрасохтори маҳалҳо, ки дар болобардории сатҳи некуаҳволии мардум мусоидат менамояд, дар ҳоли ҳозир яке аз масаъалаҳои калидӣ ба шумор рафта, мавриди таваҷҷуҳ қарор гирад.

Аҳамияти махсус ҷиҳати омӯзиш ва мутолиаи сиёсати сармоягузории давлатӣ, зарурати беҳбудбахшии механизми истифодаи он ва инчунин, таҳқиқотҳои назариявӣ ва омӯзиши равишҳо нокофӣ дар ин самт, мубрамияти мавзӯи диссертатсиониро асоснок менамояд.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзӯъҳои илмӣ.**

Моҳият ва муҳиммияти муқаррароти диссертатсия бо як қатор барномаҳои давлатии мансуб ба роҳҳои ҷалб ва такмили бахши сармоягузориҳо ба минтақаҳои ҷумҳурӣ мутобиқат менамояд. Онҳо барои татбиқи амалии ҳадафҳои Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Барномаи сармоягузориҳои давлатӣ (солҳои 2021-2025, 2016-2020, 2012-2014, 2010-2012 ва дигар солҳои қаблӣ), Барномаи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020, Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020 ва 2021-2025 ва Такмили механизми идоракунии молияи давлатӣ дар шароити рушди инноватсиониву саноатикунонии Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат мекунад.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот** муайяннамоии нақш ва мақоми механизми дастгирии сармоягузории сиёсати иқтисодӣ-иҷтимоии минтақа ва инчунин, коркарди чораҳо ва тавсияҳои амиқ ҷиҳати такмили минбаъдаи ин механизм бо истифода аз равиши маҷмӯӣ ва таҳлили вазъи ҷолибияти сармоявии минтақа маҳсуб меёбад.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Барои ноил шудан ба ҳадаф ва ифшои мубрамияти мавзӯъ ба андешаи мо, татбиқи чунин вазифаҳо мувофиқи мақсад мебошад:

- роҳандозинамоии таҳқиқот бо мақсади ифшои ҷанбаҳои назариявии шаклгирию дастгиринамоии сиёсати давлатӣ, муайяннамоию таҳлили принсипҳо ва омилҳои дастгирикунандаи тавсеаи иқтисодӣ-иҷтимоии минтақа

-ҷиҳати дастгирии давлатии сиёсати иқтисодӣ-иҷтимоӣ, омӯзишу татбиқи таҷрибаи кишварҳои мухталифи ҷаҳон:

- мушаххаснамоӣ, таҳлил ва арзёбии роҳҳо ва усулҳои дар амал таъмини дастгирии равнақи устувори минтақа тавассути сармоягузориҳо;

- амиқтарнамоии мавқеъ ва нақши механизми буҷетӣ-андозӣ дар афзоишёбии ҷарарёни сармоягузорӣ ва эҷоду шаклдиҳии иқтидори сармоягузории минтақа ва дар заминаи он андешидани чораҳои зарурӣ ҷиҳати мукаммалгардонии танзими фаъолияти сармоягузорӣ дар минтақа.

**Объекти таҳқиқот** фароянди такмили механизми дастгирии сиёсати иқтисодӣ-иҷтимоии минтақавӣ дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ маҳсуб меёбад.

**Мавзӯи таҳқиқот** равобити ташкилӣ-иқтисодие, ки дар фароянди такмили механизми дастгирии сиёсати сармоягузории иқтисодӣ-иҷтимоии минтақа ба вуқуъ мепайванданд, дониста мешавад.

**Фарзияи таҳқиқот.** Дар натиҷаи такмили механизмҳои дастгирикунандаи сармоягузории сиёсати иқтисодӣ-иҷтимоии минтақа, иқтидори иқтисодии минтақа, болоравии ҷолибияти сармоягузорон ҷиҳати сармоягузорӣ таъмин хоҳад гашт, ҳамзамон зимни афзоиши манобеи сармоягузорӣ ба минтақа тавсеаи иҷтимоии минтақа низ куллан дигаргун мегардад.

**Асосҳои назариявии таҳқиқотро** асарҳои муҳаққиқон, олимон ва коршиносони ватанию хориҷӣ оид ба муқаррароти назариявӣ ташаккул додаанд, натиҷаҳои илмии аз ҷониби муаллиф бадастовардашуда фарогири масъалаҳои марбут ба густаришу тавсеаи иқтисодӣ-иҷтимоии яке аз минтақаҳои кишвар дар шароити дигаргунсозии иқтисоди миллӣ, яъне гузариш ба иқтисоди индустриалӣ-аграрӣ асоснок карда шудаанд. Натиҷаҳои назариявии ифшогардида имкон доранд дар такмили механизмҳои равнақи иқтисодӣ-иҷтимоии минтақа нақши қобили таваҷҷуҳ дошта бошанд.

**Асосҳои методологии таҳқиқот.** Дар раванди таҳқиқот аз усулҳои монографӣ, абстраксияи илмӣ, мушоҳида, ҷадвалсозӣ ва графиксозӣ, синтез, таҳлили иқтисодию математикӣ ва усули муқоисавӣ истифода бурда шудааст. Истифодаи усулҳои мазкур роҳҳои такмили иқтидори сармоягузории минтақаҳои ҷумҳуриро дар робита ба тақвияти сармоягузориҳо ба сармояи асосӣ таъмин менамояд.

**Сарчашмаи маълумот.** Ба сифати маводи ибтидоӣ санадҳои меъёрии ҳуқуқии мақомоти давлатӣ ва минтақавии ҳокимияти давлатӣ, маводи Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумоти Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳисоботи вазорату идораҳои дахлдор, инчунин маводи конференсияҳои илмӣ ва амалӣ, монографияҳо, маводи нашрияҳои даврӣ, захираҳои иттилоотии «Internet» истифода бурда шудаанд.

**Пойгоҳи таҳқиқот.** Кори таҳқиқотӣ солҳои 2016-2024 дар институти илмӣ-таҳқиқотии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро гардидааст.

**Навгонии таҳқиқот** дар асоснокнамоии масъалаҳои назариявии шаклгирии такмили густариши сармоягузории минтақа ва коркарди тавсияҳои амалӣ ҷиҳати такмили механизмҳои дастгирии сармоягузории сиёсати иқтисодӣ-иҷтимоии минтақа арзёбӣ мегарданд.

Муҳимтарин натиҷаҳое, ки ҳамчун муайянкунандаи навгонии илмӣ маҳсуб ёфта, барои дифоъ пешниҳод гардидаанд, чунинад:

- равишҳои асосии мансуб ба мафҳуму муҳтавои механизми дастгирикунандаи сиёсати иқтисодӣ-иҷтимоии минтақа ба таври мухтасар мушаххас карда шудааст. Муаллиф моҳияти “механизми сармоягузорӣ”-ро ба унвони маҷмӯи имкониятҳои сармоягузорӣ барои минтақа арзёбӣ намуда, собит намудааст, ки он дар умум ифоданамоии захираҳои моддӣ ва ғайримоддӣ мебошад ва ҳамзамон, воситаи асосии пешбарандаи истеҳсолот буда, самаранок истифоданамоии он аз имконоти маблағгузории субъектҳои мухталифи иқтисодӣ ва дороиҳои дарозмуддат вобастагӣ дорад, иловатан дар рафти таҳқиқот дастгоҳи назариявии дараҷабандии механизми дастгирии сармоягузории минтақа мушаххас гардидааст. Дар рафти таҳқиқот механизми дастгири сармоягузорӣ ҳамчун шарти муҳим ва асосӣ барои ноил гардидан ба натиҷаҳои назаррас барои таъмини рушди иқтисодӣ-иҷтимоӣ маҳсуб меёбад. Собит гардидааст, ки механизми дастгирии сармоягузорӣ, равнақу рушди равандҳои сармоягузорӣ танҳо дар натиҷаи самаранок истифоданамоии иқтидори табиӣ-захиравии минтақа таъмин карда мешавад;

- шартҳои такмили механизми дастгирии сармоягузории сиёсати иқтисодӣ-иҷтимоии минтақа ҳамчун фароянди муттаҳидсози заминаҳо барои татбиқи фаъолияти сармоягузорӣ, ҷолибияти сармоягузорӣ ва имконоти сармоягузориҳо дар пояи истифодаи оқилонаи иқтидори табиӣ-захиравӣ, демографӣ ва иқтисодӣ-иҷтимоии минтақа мушаххас шудаанд. Такмили механизми дастгирии сармоягузории сиёсати иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва шарту шароити амалинамоии он ифшо гардида, мубрамияти муносибнамоии идоракунии раванди ҳамкориҳо бо мақсади дақиқу оқилона истифодаи барномаҳо ва тақвиятбахшии соҳаҳои нисбатан афзалиятдошта, ки дар воқеъ дар таъминкунии рушди минтақа мубрам мебошанд, инъикос ва асоснок гардидаанд;

- хусусиятҳои такмил ва тақвиятбахшандаи механизми дастгиринамоии иқтисодӣ-иҷтимоии равнақдиҳандаи ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, бар асоси арзёбию таҳлилнамоии таъминнокӣ бо захираҳо, сатҳи босамарӣ бо назардошти мушаххассозии омилҳо ва шарту шароити афзоишдиҳандаи ҷараёни сармоягузориҳо ба минтақа, аниқ гардидаанд. Дар таҳқиқот собит гардидааст, ки баҳодиҳии ҷолибияти сармоягузории минтақа дар доираи такмили механизми давлатии дастгирикунандаи фаъолияти сармоягузорӣ дар заминаи баназаргирии омилҳои зерин, аз қабили омилҳои сиёсӣ, иқтисодӣ-иҷтимоӣ, молиявӣ, фарҳангӣ-иҷтимоӣ, ташкилӣ-ҳуқуқӣ, инчунин ҷуғрофӣ таъмин карда мешавад;

- ташаккул ва татбиқи шароити созгор барои истифодабарии механизми дастгиринамоии сармоягузориҳо, ҳамчунин ҷиҳати баландбардории сатҳи фаъолнокии сармоягузории субъектҳои хоҷагидорӣ ва ривоҷи соҳибкорӣ, равишҳои дастгиринамоии сармоягузориҳо, ки имкон доранд дар роҳандозию татбиқи чораҳои дахлдор барои беҳдоштнамоии низоми ҳавасмандсозии таъмини ҷолибияти сармоягузориҳо ба НТҶ мусоидат мекунанд, асоснок карда шудаанд;

- собит гардидааст, ки самтҳои асосии такмили механизми дастгирии сармоягузориро бо чунин роҳҳо метавон асоснок намуд: коркарди низоми

чораҳои мушаххас барои равнақу густариши навъҳои дастгирии сармоягузории унвонӣ бо дарназаргирии дурнамои рушди иқтисодӣ-иҷтимоии минтақа ва мукаммалнамоии сиёсати сармоягузории минтақавӣ; асоснокнамоии зарурати такмили танзими давлатӣ ҳангоми шаклгирии механизми буҷетӣ-андозӣ ва дастгириҳо ҷиҳати фаъолнокнамоии фаъолияти сармоягузорӣ ва истифодаи асарбахшонаи иқтидори сармоягузорӣ дар минтақа; такмили механизми давлатии танзими фаъолияти сармоягузорӣ бар асоси таҳрики фаъолнокии фароямдҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ бо мақсади вусъатбахшии ҳадафҳои рушди устувори минтақа;

- муносибат ва равишҳо доир ба пешниҳоди муносибатҳо дар самти шаклгирии татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар соҳаҳои нисбатан афзалиятдоштаи иқтисоди минтақа бар асоси ташаккули низоми якшаклаи мониторинги тавсеаи иқтисодӣ-иҷтимоии минтақа, ки метавонад сари вақт арзёбинамоии фароямдҳои ноил шудан ба ҳадафҳо барои рушди иқтисодии минтақа зарур, дақиқнамоии шароити ташкилӣ-иқтисодии муносибгардонии тавсеаи иқтисодӣ-иҷтимоӣ бо назардошти истифодаи оқилонаи иқтидори имконият барои татбиқу таҳрики ҳадафҳои рушди устувори иқтисодӣ-иҷтимоии минтақа мавриди коркард ва пешкаш қарор дода шуда, механизмҳои такмили давлатии танзимкунандаи фаъолияти сармоягузориҳо дар минтақа мушаххас гардидаанд. Илова бар он, механизми идоранамоии фаъолияти сармоягузорӣ дар минтақа ва таркиби захиравии он асоснок шудаанд, иловатан дар таҳқиқоти диссертатисонӣ қайд гардидааст, ки таъсиси низоми муттаҳидсозандаи захираҳои молиявӣ дар пойгоҳи сохтори сармоягузории минтақа метавонад ҳамчун як усули тақвиятдиҳанда дар самти рақобатпазирии минтақа баромад намояд.

**Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

- асосҳои назариявӣ ва ҷанбаҳои аслии ташаккулёбӣ ва дастгирии давлатии рушди иқтисодӣ-иҷтимоии минтақа коркард ва мавриди пешниҳод қарор дода шуда, омилҳо ва принсипҳои дастгирикунанда ва рушддиҳандаи сиёсати иқтисодӣ-иҷтимоӣ мавриди омӯзиш қарор дода шудаанд;

- таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ, аз ҷумла, кишварҳое, ки дар ҷалби сармоя ва ҷолибияти сармоягузориҳо пешсаф мебошанд, мавриди омӯзишу пешниҳод қарор дода шудаанд;

- таҳлили вазъи кунунӣ ва ҳолати воқеии сармоягузориҳо, инчунин тамоюли равнақи сиёсати сармоягузорӣ ҷиҳати пайдонамоии сиёсати иқтисодӣ-иҷтимоӣ дар минтақа мушаххас гардида, дар баробари он ҳолати иқтисодӣ-иҷтимоии минтақа ва арзёбии шарту шароити мусоид ҷиҳати дастгирии минтақа, муҳтавои шакл ва равишҳои дастгирии сармоягузориҳо ҷиҳати рушди масъалаҳои иқтисодӣ-иҷтимоии НТҶ мавриди таҳқиқу таҳлил қарор дода шудааст;

- таъмини дастгирии сармоявии минтақа бо мақсади расидан ба ҳадафҳои рушди устувор мушаххас гардида, самтҳои асосии такмилдиҳандаи дастгирии иқтисодӣ-иҷтимоии минтақа дар доираи сиёсати сармоягузории кишвар муайян гардидаанд, иловатан бо мақсади таъмини суботи иқтисодӣ дар минтақа механизмҳои буҷетӣ-андозии ҳавасмандкунанда мушаххас гардидаанд;

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Муқаррароти назариявӣ, натиҷаҳои илмии бадастовардаи муаллиф ва хусусиятҳои ифшогаштаи рушду амалкарди иқтидори сармоягузорӣ дар шароити гузариш ба иқтисоди индустриалӣ-аграрӣ заминаи назариявӣ ва методологии коркарди роҳҳои такмили иқтидори сармоягузории ноҳияҳои тобеи ҷумҳуриро метавонанд густаришу равнақ диҳанд. Тавсияҳои амалӣ ва усулҳои дар диссертатсия дарҷшударо ҳангоми таҳлил ва қабули қарорҳои идории мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва рушди иқтисод дар ҷараёни баҳисобгирии иқтидори сармоягузорӣ ва танзими равандҳои сармоягузории минтақа истифода бурдан мумкин аст. Муқаррароти назариявӣ, натиҷаҳои илмии дар раванди таҳқиқот аз ҷониби муаллиф бадастовардашуда, роҳҳо ва усулҳои тавсеа ва такмили механизмҳои дастгирии сармоягузории рушди иқтисодӣ-иҷтимоии минтақа, ки бо назардошти дигаргуншавии иқтисоди миллӣ ва гузариш ба модели индустриалӣ-аграрӣ коркард гардидаанд, ҳамчун заминаи назариявӣ-методологии густаришдиҳандаи иқтидори сармоявии минтақа ва дар ин ҷода ҳамчун пойгоҳ ҷиҳати рушди иқтисодӣ-иҷтимоии минтақа баромад менамоянд. Тавсияҳои амалӣ ва усулу равишҳои дар кори диссертатсионӣ дарҷгардидаро метавон зимни таҳлил ва коркарду қабули қарорҳои дахлдори идоравӣ аз ҷониби мақомоти маҳаллӣ барои тақвиятбахшии механизмҳои рушддиҳандаи иқтисодӣ-иҷтимоии минтақа истифода намуд.

Натиҷаҳои таҳқиқотро метавон дар рафти омода ва пешбурди таҳқиқоти илмӣ дар самти густаришу равнақи дастгирии сармоягузориҳо бо мақсади такмили механизмҳои рушддиҳандаи иқтисодӣ- иҷтимоии минтақа ба кор бурд. Муқаррароти асосии диссертатсия дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ ва илмӣ-назариявӣ, семинарҳои илмии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ва конференсияҳои байналмилалӣ дар солҳои 2014-2024 маърӯза шудаанд

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** дар рафти гузаронидани таҷрибаҳо амиқии иттилоот, ҳаҷми кифоякунандаи маводҳои таҳқиқотӣ, коркарду тасвиби омории натиҷаҳои таҳқиқот ва интишорот тасдиқ мегардад. Ҳамзамон, масъалаҳои мубрам ҷиҳати инкишофи дастгирии сармоягузориҳо бо мақсади таъмини рушди иқтисодӣ-иҷтимоии минтақа, аз ҷумла НТҶ мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Бо такя ба натиҷаҳои бадастовардашуда асоснокнамоии назария, методология ва амалияи масъалаҳои мансуб ба сармоягузории минтақа ва дар ин замина таъмини рушди иқтисодӣ-иҷтимоии минтақа мавриди пешниҳод қарор дода шудаанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ (бо шарҳ ва соҳаи таҳқиқот).** Диссертатсия ба талаботи сархатҳои зерини шиносномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ: 13. Сиёсати иҷтимоию иқтисодии давлат дар сатҳи минтақаҳо, таҳлили хусусиятҳо ва арзёбии самаранокии сиёсати иқтисодии давлат дар сатҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, минтақаҳо, шаҳрҳо, воҳидҳо ва ҳудудҳо; 15. Мақсадҳо ва механизмҳои сиёсати давлатии тараққиёти минтақаҳо. Шаклҳо ва механизмҳои баҳамтаъсиррасонии минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми ҳалли

масъалаҳои асосии рушди иҷтимоию иқтисодӣ. Проблемаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии худидоракунии маҳаллӣ; 25. Таъминоти инвеститсионии минтақаҳо. Танзими инвеститсияҳо дар минтақаҳо. Лоиҳаҳои инвеститсионии ҳудудӣ. Муҳити сармоягузорӣ бо назардошти воҳидҳои минтақавию ҳудудӣ. Баланд бардоштани ҷолибияти сармоягузорӣ ва самаранокии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар минтақаҳо ҷавобгӯ мебошад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Тамоми марҳилаҳо ҷиҳати иҷрои нақшаи кории илмӣ, ба монанди интихоби мавзӯъ, асосноккунӣ ва мубрамияти он, ҳадафгузорӣ ва иҷрои вазифаҳои дар раванди таҳқиқот гузошташуда бо саҳм ва ширкати бевоситаи муаллиф гузаронида шудааст. Дар асоси омӯзиш ҷиҳатҳои назариявӣ ва методии такмили механизмҳои дастгирии сармоягузории рушди иқтисодӣ-иҷтимоии минтақа, механизми танзими давлатии фаъолияти сармоягузориҳо дар минтақа бо назардошти тақозои замони муосир мавриди пешниҳод қарор дода шудаанд. Иловатан, ҷамъоварии маълумот, коркарди онҳо, тафсир, таҳлил ва банизомдарорӣ дар тамоми марҳилаҳои омӯзиш, таҳияи тавсияҳои амалӣ оид ба истифодаи ин мавод, таҳқиқи таҷрибаи кишварҳои пешқадами дунё ҷиҳати истифодаи амалии онҳо дар мисоли ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ саҳми довталаб аст.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Хулоса ва натиҷаҳои диссертатсияи мазкур ба Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати истифодабарӣ ва бо мақсади ҷалби сармоягузорони дохилӣ ва хориҷӣ ба минтақа пешниҳод карда шудааст. Натиҷаҳои асосии диссертатсия дар конференсияҳои зерин: конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ дар мавзӯи «Рушди бахши молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва нақши он дар устувории рушди иқтисоди миллӣ» (ш. Кӯлоб, 17 декабри соли 2022), конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ дар мавзӯи «Рушди низоми бонкӣ ва рақамикунонии бахши молиявӣ» (ш. Кӯлоб, 19-20 декабри соли 2023) муҳокима шудаанд. Тавсияҳои методӣ ва амалии дар диссертатсия асосёфта дар чараёни таълим ҳангоми гузаронидани машғулиятҳо аз фанҳои «Иқтисодиёти минтақавӣ», «Сармоягузорӣ», «Иқтисоди миллӣ» ва «Молия» метавонанд истифода бурда шаванд.

**Интишорот аз рӯйи мавзӯи диссертатсия.** Вобаста ба мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ 8 мақола, аз ҷумла 6 мақола дар маҷаллаҳои (нашрияҳои) илмии тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия**. Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса ва пешниҳодҳо, рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат буда, муҳтавои кор дар 205 саҳифаи матни компютерӣ баён гардидааст, ки шомили 13 расм, 21 ҷадвал ва 1 диаграмма мебошад. Феҳристи адабиёти истифодашуда 235 номгӯйи сарчашмаҳои мавриди истифода қарор гирифта, аз ҷумла асарҳои муаллифони ватанӣ ва хориҷиро дар бар мегирад.

## ҚИСМҲОИ АСОСИИ ТАҲҚИҚОТ

**Боби аввал – “Асосҳои назариявии ташаккули сиёсати миллии иқтисодӣ – иҷтимоӣ ва механизмии дастгирии сармоягузории он**”, Дар ин боб, масоили марбут ба шаклгирии ҷанбаҳои назариявии дастгирии давлатии сиёсати иқтисодӣ-иҷтимоии минтақа мавриди омӯзиш қарор дода шуда, принсипҳо ва омилҳои дастгирии рушди иқтисодӣ - иҷтимоии минтақа мавриди таҳқиқ қарор дода шудаанд, ҳамзамон ҷиҳати тақвиятбахши муҳтавои кори диссертатсионӣ таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ дар самти таъмини сармоягузории рушди иқтисодӣ - иҷтимоии минтақа мавриди таҳлил қарор дода шудааст.

Расидан ба тавсеаи иқтисодӣ ва дар заминаи он татбиқи ҳадафҳои аслии рушди устувор дарёфти маблағҳои бузург ва харҷи оқилонаи ин воситаҳоро тақозо менамояд, бар ин асно таъсису татбиқи сиёсати босамари сармоягузорӣ метавонад дар роҳи расидан ба ин ҳадафи муҳими вижагии иқтисодӣ-иҷтимоӣ дошта мусоидат намояд. Дар шароити кунунӣ, коркарди сиёсати сармоягузории ботадбирона имкон дорад дар беҳдошти вазъи иқтисоди миллӣ, ривоҷи муназзаму мувозини минтақаҳои кишвар созгорӣ намояд. Аз ин хотир, густариши иқтидори сармоягузорӣ барои иқтисоди дилхоҳ кишвар, иҷрокунандаи нақши калидӣ мебошад. Бинобар ин, дар роҳи расидан ба чунин ҳадафҳо омӯзиши масъалаҳои назариявии ташкили фаъолияти сармоягузориҳо ва назарияпардозиҳои олимону мутафаккирони ватанию хориҷӣ ба мақсад мувофиқ мебошад.

Тағйиротҳои сиёсии дар солҳои 90-ум ба вуқуъ пайваста, боиси дигаргуниҳо ва ислоҳоти куллӣ дар низоми иқтисоди кишвар гардиданд, бар ин асно, дар адабиёт ва маъхазҳои иқтисодӣ низ тағйиротҳо амалӣ гардиданд. Гузариш ба равобити бозорӣ тадриҷан муносибатҳоро доир ба истилоҳи “сармоя” дигар намуд. Баъд аз қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи сармояи хориҷӣ” дар санаи 10 декабри соли 1992 дар ҷумҳурӣ марҳила ва фароянди фаъолшавии фаъолияти сармоягузориҳо оғоз ёфт.

Марҳила ба марҳила, зимни ба суботи муайян даромадани вазъи сиёсӣ, иқтисодӣ дар соли 2007 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи сармоягузорӣ” ба тасвиб расид, қабули чунин як қонун такони ҷиддие дар самти танзими фаъолияти сармоягузорҳо гардида, боис ба тағйирёбии сиёсати давлат нисбат ба сармоягузориҳо ва таъсиси фазои созгори сармоягузорӣ барои сармоягузорон гардид. Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи сармоя” мафҳуми сармоя ба таври зер шарҳу тафсир дода шудааст; таҳти мафҳуми сармоягузорӣ ҳама навъи ҳуқуқ ба моликият (ба ҷуз аз моликияте, ки барои қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти шахсӣ ба кор бурда мешавад ва ё бо фаъолият дар самти фурӯши маҳсулот бе коркарди он), махсусан воситаҳои пулӣ, қоғазҳои қимматнок, таҷҳизоти тавлидӣ-технологӣ ва натоиҷи фаъолияти зеҳнӣ, воситаҳои пулӣ ва дигар объектҳои фаъолияти сармоягузорӣ, ки бо ҳадафи гирифтани даромад бар асоси ҳуқуқи моликият мавриди истифода қарор дода мешаванд, фаҳмида мешавад. Ҳамин тавр, дар натиҷаи ташкили фаъолияти иқтисодӣ, сармоя ба унвони як раванде, ки дар доираи он захираҳо мувофиқ ба ҳадафҳои муайяннамудаи сармоягузор ба хароҷотҳо бо ҷиҳати ноил шудан ба як самари дилхоҳ мубаддал мегарданд.

Бо назардошти тавсеаи тадриҷии иқтисодиёт дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба монанди дигар кишварҳои пасошуравӣ, ҳар чӣ васеътар истилоҳҳои зерин, ба монанди "сармоя", "фаъолнокии сармоягузорӣ", "ҷолибияти сармоягузорӣ" ва инчунин, як қатор дигар мафҳумҳои бо бахши сармоягузорӣ алоқамандӣ дошта, мунтазам ба кор бурда мешаванд. Дар низоми маъмурӣ-идоравӣ, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳайати он қарор дошт, зимни таҳлили фарояндҳои такрористеҳсолӣ аз истилоҳи "сармоя" истифода наменамуданд, бар ивази он аз истилоҳи мушобеҳи маблағгузориҳои асосӣ истифода менамуданд.

Дар ҳоли ҳозир, дар умум тафсири васеи "сармоя" ва "фароянди сармоягузорӣ" қабул карда шудааст. Барои мисол, иқтисоддонони зер - ба монанди Бочаров В. ва Попова Р. ба ин назаранд, ки - инҳо ҳама навъҳои муқаддасоти молӣ ва зеҳние мебошанд, ки ба объектҳои соҳибкорӣ сафарбар карда мешаванд, дар натиҷа фоида (даромад) ташаккул ёфта, самараи иҷтимоӣ таъмин карда мешавад [1, с. 12]. Мартынова Н.С. ба ин таъриф наздиктар буда, онҳо ба ин назаранд, ки: «Сармоягузорӣ ин сармоя дар шакли моддӣ (дороиҳо) ва пулӣ (манбаъҳои маблағҳо) мебошад, ки дар муддати тулонӣ бояд ба даст овардани фоида ва ё ба даст овардани таъсири мусбати дигари иҷтимоиро таъмин намояд» [8, с. 27]. Бархе аз донишмандон иқтидори сармоягузории минтақаро ҳамчун маҷмӯи омилҳои объективии иқтисодӣ, иҷтимоӣ, табиӣ-ҷуғрофӣ, ки метавонанд дар ҷалби сармоя ба минтақа мусоидат намоянд, шарҳу тафсир додаанд.

Ҳамин тавр, С.В. Зенченко ва М.А. Шемёткина [4, с. 156] ба ин назаранд, ки иқтидори сармоягузории минтақаро метавон ба унвони маҷмӯи имконоти ба минтақа ҷалби захираҳои худӣ ва ҷалбшуда арзёбӣ намуд, то фаъолиятҳои сармоягузориро дар ҳузури як фазои сармоягузории матлуб барои аҳдоф дар доираи миқёсҳои муайяншуда тавассути сиёсати иқтисодии минтақа танзим намуд. Ба назари А.А. Мироедова ва О.А. Шарамыгина иқтидори сармоягузории минтақа ин "тавоноии ба даст овардани ҳадди аксари ҳаҷми сармоя ба МММ мебошад, ки тавассути иқтидори сармоягузории минтақа бар асоси истифода аз омилҳои сармоягузории таъминкунандаи рушди иқтисодӣ таъмин карда мешавад" [10, с. 31].

Ба ақидаи олими ватанӣ А.К. Сафоев "Яке аз муҳимтарин вазифаҳо барои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир, равнақи ҳама бахшҳои тавлидӣ, аз ҷумла бахшҳои зудсамарадиҳанда ва дар навбати худ дорои аҳамияти баланди стратегӣ маҳсуб меёбад" [15, с. 159]. Вобаста ба ин, бояд қайд намуд, ки зарурати таҳқиқ ва коркарди сиёсати асарбахшонаи иқтисодиро дар доираи консепсияи равнақи бахшҳо дар ҳамбастагӣ бо равобити иқтисодӣ тақозо менамояд. Фаъолияти асарбахшонаи сармоягузориҳоро наметавон бидуни сиёсати дурандешонаи сармоягузорӣ амалӣ намуд. Сиёсати сармоягузорӣ барои фаъолиятнамоӣ новобаста аз андозаи мансубияти соҳавӣ, шакли ҳуқуқӣ ва дигар хусусиятҳо, барои кишвар аҳамияти ҳалкунанда дорад.

Ба таври хос Ф.Фатуллоев қайд менамояд, ки "Дар нақшаҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати умқтар ва густурдатарсозии фарояндҳои минбаъдаи хусусигардонии моликияти давлатӣ, мушорикати на танҳо ширкатҳои ватанӣ ва ашхоси алоҳида, балки иштироки сармоягузорони

хориҷӣ тавассути харидории саҳмияҳо, дороиҳои корхонаҳо бар асоси тиҷорати конкурсии моликияти ғайриманқул, иштирок дар музоядаҳо, сармоягузориҳои мустақим, пешниҳоди ҳуқуқи ташкили корхонаҳои пурра мансуб ба сармоягузорони хориҷӣ дар назар дошта шудааст. Ҳамчунон, қитъаҳои замине, ки мансуб ба объектҳои хусусигаронидашаванда мебошанд, мумкин аст ба сармоягузорони хориҷӣ барои иҷораи дарозмуддат дода шаванд” [17, с. 223].

Мувофиқ ба андеша ва назорати мо самти асосии сиёсати сармоягузории минтақа, ин фаъолнамоии амалкардҳои сармоягузорӣ дар ҳудуди минтақа, инчунин таъмини тамаркузшавии сармоя баҳри татбиқи барномаи равнақёбии иқтисодӣ-иҷтимоии минтақа маҳсуб меёбад. Иловатан, бунёди фазои мусоидомези сармоягузорӣ дар минтақа, ҷамъ ва шаклгирии захираҳои сармоягузорӣ, муносибтар истифоданамоии маблағгузориҳои мустақими бучавӣ, таъсиси танзимгарони иқтисодии сармояҳои сафарбаршуда, аз нуқтаҳои калидии равнақи минтақа арзёбӣ мегарданд. Бо назардошти андешаҳои зикршуда, аз тарафи мо нақшаи сиёсати сармоягузории минтақа коркард ва мавриди пешниҳод қарор дода шудааст (ниг. ба расми 1).

Сиёсати сармоягузории минтақа аз фаъолсозии фаъолияти сармоягузориҳо дар минтақа вобастагӣ дорад, зеро дар натиҷаи эҷоди фазои мусоиди сармоягузорӣ метавон ҷолибияти сармоягузории минтақаҳоро таъмин намуда, ҳамзамон, бо мақсади таъмини иқтидори сармоягузориҳо бояд самтҳои дурнамо ва объектҳои сармоягузорӣ мушаххас карда шаванд, иловатан бояд хавфҳои марбут ба сармоягузориҳо коҳиш дода шаванд, ба назари мо маҳз дар натиҷаи роҳандозии чунин тағйиротҳо метавон дар бораи сиёсати сармоягузории ба мақсад мувофиқ ҳарф зад.

Бояд қайд намуд, ки сармоягузориҳо ба минтақаҳо, қабл аз ҳама баҳри такмили равнақи иқтисодӣ-иҷтимоии маҳал сафарбар мегарданд. Минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои як қатор хусусиятҳои ба худ хос мебошанд.

Бар ин асно, К.К. Давлатов ва М.М. Сатторов қайд менамоянд, ки: “...Барои минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон тафриқаи шароити иқтисодӣ-иҷтимоӣ хос мебошад” [3, с.44]. Аммо ба назари мо, аз нуқтаи назария дида баромадани ҷолибияти сармоягузории манотиқ мувофиқ ба мақсад мебошанд.

Дар мавриди зарурати равнақи иқтидори сармоягузориҳо барои тавсеаи иқтисодӣ-иҷтимоии минтақа олимони ватанӣ С.Ҷ. Комилов ва Ф.М. Ғафоров назароти худро чунин иброз намудаанд: “... Дар умум равнақи иқтидори сармоягузории минтақа, рӯйкарди маҷмӯиро дар самти баҳисобгирии хусусиятҳои асосии макроиқтисодӣ, таъмини пурраи минтақа бо омилҳои тавлидӣ, талаботи истеъмолии аҳолӣ ва ғайраҳоро дар назар дорад. Мавқеи ҷуғрофии минтақа, баромад ба шоҳроҳҳои нақлиётӣ, доштани сарҳад бо дигар кишварҳо метавонад дар равнақи иқтидори сармоягузории минтақа мусоидат намояд” [5, с. 35].

Ҳангоми шаклгирӣ ва татбиқи сиёсати сармоягузорӣ дар минтақаҳо, дар доираи принсипҳои муайян амал намудан мувофиқи мақсад мебошад. Сиёсати сармоягузории минтақа коркард ва риояи ҷиддии чунин принсипҳои калидии сармоягузориро дар назар дорад:

- пурзӯрнамоии назорати давлатӣ ва минтақавӣ ҷиҳати харҷи ҳадафноки воситаҳои буҷетии барои сармоягузориҳо дар шакли маблағгузориҳои бебозгашт ва қарздиҳӣ таҳлилшаванда;

- ғайритамаркузнамоии мунтазами фарояндҳои сармоягузорӣ бар асоси тавсеаи навъҳои гуногуншаклии моликият;

- ҷобаҷогузории маблағгузориҳои асосиии маҳдуди мутамарказ ва маблағгузории давлатии лоиҳаҳои сармоягузорӣ танҳо дар доираи озмунҳо;

- дастгирии давлатии корхонаҳои дар доираи сиёсати минтақавии сармоягузорӣ фаъолияткунанда бо гузаронидани гаронӣ аз маблағгузориҳо ба қарздиҳӣ бар асоси музднокӣ;




**Расми 1. - Сиёсати сармоягузории минтақа**

**Сарчашма**: Таҳияи муаллиф.

- истифодаи афзалиятноки қисми афзоишёбандаи сармоягузориҳо барои татбиқи асарбахшона ва лоиҳаҳои сармоягузории зуд харидоришаванда (ва объектҳои соҳибкории хурд новобаста аз шакли моликият;

- васеънамоии таҷрибаи маблағгузории муштараки (ҳиссавӣ) лоиҳаҳои сармоягузорӣ ҳам аз тарафи сохторҳои давлатӣ ва ҳам аз ҷониби сохторҳои тиҷоратию минтақавӣ;

- мубаддалнамоии қарзҳо ба моликияти худӣ дар ҳолати мавҷуд набудани ризоият байни шарикон дар мавриди усулҳои ҳисоббаробарнамоӣ.

Дар диссертатсия коркарди аҳдоф ва принсипҳои фаъолияти сармоягузории минтақавӣ- аслитарин унсури кори сармоягузорӣ арзёбӣ мегардад. Бар ин асно, метавон гуфт, ки риояи принсипҳо ва омилҳои ироашуда имкон доранд, дар рушди иқтисодии минтақа боис гарданд.

Ҷолибияти сармоягузории минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон барои сармоягузорони хориҷӣ то андозае дар арсаи ҷаҳонӣ рӯ ба афзоиш дорад. Мо ҳамчунон мехоҳем таваҷҷуҳро ба ин воқеият ҷалб кунем, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои охир ба таври воқеӣ баробарии шароити фаъолият барои сармоягузорони хориҷӣ ва мушорикати онҳо дар ширкатҳои муштарак таъсис додашуда, зиёд ба назар мерасад.

Бар ин асно, профессор М.Н. Тошматов қайд намуд: "Зарурияти ҷалби сармояи хориҷӣ ба иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон, қабл аз ҳама дар он аст, ки фаъолияти ширкатҳои хориҷӣ ба кору фаъолияти субъектҳои алоҳидаи хоҷагидорӣ таъсир расонида, дар болобардории асарбахшии истеҳсолот, беҳдошти сифати маҳсулоти истеҳсол намуда ва воридсозии равишҳои нави идоранамоӣ боис мегарданд" [16, с. 227]. Яъне, фаъолияти сармояи хориҷӣ дар коҳиши муаммои мубрам ба монанди бекорӣ мусоидат намояд ва ба сатҳи музди меҳнат дар саросари кишвар таъсиргузор бошад ва ба унвони манобеи иловагии тақозо ба қувваи кории маҳаллӣ дониста шавад.

Ҳамин тавр, метавон ба чунин хулоса омад, ки доир ба масъалаҳои такмили механизмҳои сармоягузорӣ, махсусан дар самти моҳият ва муҳтавои назариявии ташаккули сиёсати иқтисодӣ-иҷтимоии минтақа, таҳқиқотҳо ниҳоят зиёд мебошанд, хурсандиовар ин аст, ки доир ба паҳлӯҳои мухталифи ин мавзӯъ олимон ва мутафаккирони ватанӣ низ таҳқиқотҳои зиёде ба анҷом расонидаанд, чунин раванд ба назари мо аз мубрамияти мавзӯи таҳқиқшаванда далолат менамояд.

Ҳамакнун, ҷиҳати вусъатбахшии ҷиҳатҳои назариявӣ ва амалии мавзӯи таҳқиқотӣ, омӯзишу дар амал татбиқи таҷрибаи кишварҳои хориҷиро мавриди баррасӣ ва пешниҳод қарор хоҳем дод.

Таҷрибаи бунёди ноҳияҳои ба содирот нигаронидашуда, корхонаҳои махсус барои содирот бунёдшуда дар ҶМЧ ниҳоят диққат ҷалбкунанда мебошад. Дар ин ноҳияҳо, низоми ҷалб ва истифодаи сармояи хориҷӣ бар асоси навъҳои мухталифи моликият ва хоҷагидорӣ коркард гардида, механизмҳои васеъсозандаи иқтидори содиротӣ ва қонеъгардонандаи талаботи бозори дохилӣ мавриди истифода қарор дода мешаванд. Иловатан, сиёсати имтиёздоштаи андозӣ, молиявӣ-асъорӣ ва қарзие истифода мегардад, ки дар

таҳрики ҷараёни сармояи хориҷӣ ва фаъолгардонии фаъолияи тиҷорати берунии корхонаҳои миллӣ нақши калидиро иҷро менамояд.

Барои модели чинии сармоягузорӣ, хусусиятҳои "шарқӣ" будан хос мебошад ва ин ба истифодаи модели сармояталаби равнақёбӣ алоқаманд аст:

- ❖ бо ҳиссаи нисбатан баланди захираҳо нисбат ба ММД;
- ❖ маҳдудияти имконоти истифоданамоии дигар омилҳои афзоиши ММД (масалан, истеъмолот);
- ❖ мушкилиҳо дар самти таҳрики рушди навсозиҳо;
- ❖ хусусияти фароянди сармоягузориҳо дар кишварҳои рӯ ба тараққӣ, аз ҷумла афзоиши сармоягузориҳо дар бахши дуюмдараҷаи иқтисодӣ, бо коҳиши саҳм дар дигар бахшҳо ва дар бархе мавридҳо ҳиссаи баланди сармоягузориҳои хориҷӣ;
- ❖ бо хусусияти густурдаи афзоиши сармоягузориҳо бинобар сабаби сатҳи нисбатан пасти равнақи хоҷагидорӣ дар қиёс бо кишварҳои дар ҳоли рушд;
- ❖ бо меъёрҳои нисбатан пасти андозҳо барои сармоягузориҳо ба сармояи асосӣ .

Таъсири қобили таваҷҷуҳи давлат ба фароянди сармоягузорӣ, қабл аз ҳама бо стратегияи кишвар, ки ба самти рушди сареъи ММД дар доираи созиши модели сотсиалистии бо хусусиятҳои хоси чинӣ ва ҳамчунон бо низоми махсуси нақшавӣ-бозории иқтисодие, ки имконияти тамаркузона идоранамоии захираҳои сармояӣ-инсонӣ, инчунин барномаҳои минтақавии дорои аҳамияти калидӣ ҷиҳати муайяннамоии самтҳои калидии равнақ, асоснок карда мешавад.

Иловатан, боис ба зикр аст, ки дар равнақи модели сармоягузории Чин нақши муҳимро минтақаҳои махсуси иқтисодӣ (ММИ) иҷро менамоянд. Ин минтақаҳо дар соҳили шарқии Чин ҳанӯз дар солҳои 80-уми қарни гузашта бо ҳадафи фаъолнамоии ҷалби сармояи хориҷӣ ба ин кишвар бунёд ёфтаанд. Лозим ба ёдоварист, ки дар ҳоли ҳозир, дар қаламрави Чин зиёда аз 200 чунин ташкилотҳои маъмурӣ-иқтисодии дорои режими имтиёзӣ фаъолият менамоянд.

Ҳамин тавр, зимни дида баромадани ҷанбаи таҳаввулотии пайдоиши модели сармоягузории чинӣ метавон ба чунин хулоса омад, ки тамоюли умумии ҳама тағйиротҳои дида баромадашуда, ин коҳиши ҳиссаи дастгирии давлатӣ ва нисбатан ғайритамаркузнамоии фароянди сармоягузорӣ маҳсуб меёбад.

Дар Ҷумҳурии Туркия дар давоми якчанд даҳсола, яке аз режимҳои нисбатан мусолиҳаи танзими фаъолияти сармоя ва сармоягузории хориҷӣ арзи вуҷуд дорад. Ин режим, мунтазам бо назардошти самти умумии сиёсати иқтисодии давлат амиқ карда мешавад. Ҳукуматдорони ин кишвар дар робита бо сармоягузорони хориҷӣ, маҷмӯи чораҳои таҳриккунанда ва рағбатоварро истифода менамоянд, ин навъ чораҳо бояд ба ҷобаҷогузории сармоя тавре мусоидат намоянд, ки он ба стратегияи умумӣ ва равнақи иқтисодии ин кишвар ҷавобгӯ бошад. Ҳамин тавр, дар масоили мансуб ба ҷобаҷогузорӣ ва тақсимнамоии сармояи соҳавӣ, дар мавриди аввал он сармоягузориҳое таҳрик мегарданд, ки ба содирот ва бахши тавлидию илмӣ, сайёҳӣ, боркашонию боррасонӣ, сохтмон, маориф ва тандурустӣ нигаронида шудаанд.

Бар асоси таҳқиқоти анҷомёфта, метавон гуфт, ки истифодаи таҷрибаи ин кишвар дар ҷалби сармоя барои Ҷумҳурии Тоҷикистон махсусан дар самтҳои зер зарур мебошад :

- ✓ ба сармоягузорони хориҷӣ пешниҳоди ҳама ҳуқуқҳои баробар, ба гунаи сармоягузорон ва сармояи ватанӣ;
- ✓ бояд, маҷмӯи чораҳои ҳавасмандгардонӣ дар равобит бо сармоягузорони хориҷӣ, махсусан дар бахшҳои сайёҳӣ, тандурустӣ, маориф, молия ва сохтмон роҳандозӣ гардад;
- ✓ коркард ва истифодаи сиёсати мувозиннамоии сатҳҳои равнақи иқтисодии минтақаҳо;
- ✓ қисман ва ё пурра озод намудан аз пардохтҳои андозӣ ва боҷҳои гумрукӣ дар марҳилаи равнақёбии истеҳсолот, пешниҳоди қарзҳои имтиёзнок, ба таъхир андохтани пардохти ААИ ҳангоми содироти молҳо;
- ✓ равнақ ва дастгирии соҳибкории хурду миёна дар соҳаи истеҳсолот.

Бо назардошти омӯзишу таҳлили масоили мансуб ба такмили механизмҳои дастгирии сармоягузории сиёсати иқтисодӣ-иҷтимоии минтақа, мо ба чунин натиҷа расидем, ки сармоя ва сармоягузорӣ нуқтаи калидии рушди минтақаҳо маҳсуб меёбанд, бинобар ин, ҳар як кишвар кӯшиш бар он дорад, то бо истифода аз усулҳои муосиру муассир сармоягузориҳоро ба кишвар ворид намуда, тавсеаи иқтисодии минтақаҳо, маҷмӯъ, равнақ ва суботи иқтисоди миллиро пойдор намояд.

**Дар боби дуюм– “Вазъи муосир ва тамоюли рушди сармоягузории иқтисодӣ - иҷтимоии Тоҷикистон марказӣ”** таҳлили ҳолати муосири иқтисодӣ - иҷтимоии минтақаҳо ва тамоюли рушди он, шарту шароит ва омилҳои дастгирии тавсеаи иқтисодӣ - иҷтимоӣ арзёбӣ гардида, равнақи шаклу равишҳои дастгирии сармоягузории иқтисодӣ - иҷтимоии НТҶ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шудааст.

Равнақи иқтисодии теъдоди зиёди кишварҳою минтақаҳо бо тағйири сохтори тавлидоти ҷамъиятӣ, ҳамроҳӣ карда мешавад, махсусан ба ивази ҷомеаи саноатӣ, ҷомеаи ботадриҷи пас аз саноатӣ ҷойгузин мегардад.

Миқдори зиёди ашхос дар бахши ғайримоддӣ бо шуғл фарогиранд, аммо бевосита дар бахши саноат ва хоҷагии қишлоқ теъдоди ками ашхос бо шуғл даст доранд. Тавлидоти ғайримоддӣ дар иқтисоди муосир, дар ҳоли табдил шудан ба як парадигмаи тавсеаи иқтисодӣ қарор дорад, чунин ҳолат моро водор менамояд то ба таври нав сатҳи сарватмандии кишварҳо ва минтақаҳоро арзёбӣ намоем.

Барои арзёбии фазои сармоягузорӣ ҷолибияти минтақа нақши аввалияро иҷро менамояд, инчунин, он барои таҳлили фароянди сармоягузориҳо дар минтақа, ки дарбаргирандаи маҷмӯи омилҳои сиёсӣ, иқтисодӣ-иҷтимоӣ, молиявӣ, иҷтимоӣ-фарҳангӣ, ташкили ҳуқуқӣ ва ҷуғрофӣ мебошанд, метавонанд дар ҷалби сармоягузорон боис гарданд.

Ташаббускориҳои давлат дар қабул ва ислоҳотдарорӣ ба Кодексҳои андозу (бо вориднамоии тағйироту иловаҳо) гумрук, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи гарави амволи манқул”, Қонуни ҶТ “ Дар бораи иҷозатномадиҳии намудҳои алоҳидаи фаъолият”, Қонуни ҶТ “Дар бораи санҷиши фаъолияти

субъектҳои хоҷагидорӣ” дар ҶТ инъикос меёбанд. Дар байни чораҳои давлатии қабулшуда бахри беҳдошти фазои сармоягузорӣ, мавқеи махсусро қабули қонунҳо “Дар бораи сармоя”, “Дар бораи минтақаҳои озоди савдо”, Стратегияи миллии рушд барои то соли 2030, Стратегияи коҳиши камбизоатӣ, таъсиси Шурои машваратӣ ҷиҳати беҳтарнамоии фазои сармоягузориҳо доро мебошанд. Татбиқи муваффақи сиёсати минтақавии давлат дар давоми даҳсолаи охир боис ба афзоиши қобили таваҷҷӯҳи иқтидори иқтисодии минтақаҳо гардид, бар ин асос, нақши онҳо дар тавсеаи иқтисоди миллӣ торафт боло рафта истодааст, гувоҳи чунин далелҳо афзоиши Маҷмӯи маҳсулоти минтақавӣ (ММM) дар манотиқи Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб меёбад (ниг. ба ҷадвали 1).

**Ҷадвали 1. - Динамикаи ММM-и минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давоми солҳои 2019-2023,** млн.сомонӣ

| Солҳо / Нишон-диҳандаҳо | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | Тафовут, 2023/2019, % |
|---|---|---|---|---|---|---|
| ММM | 68691,3 | 73870,5 | 91932,0 | 108831,0 | 123026,8 | 179,1 |
| Ҳиссаи ММM дар ММД, % | 88,8 | 89,5 | 92,9 | 94,0 | 94,1 | 5,3 |
| ВМКБ | 1063,4 | 1065,0 | 1278,8 | 1365,3 | 1736,6 | 163,3 |
| вилояти Суғд | 20537,1 | 21621,9 | 27465,4 | 31939,2 | 35177,4 | 171,3 |
| вилояти Хатлон | 19664,0 | 22080,5 | 26967,8 | 33832,1 | 36064,7 | 183,4 |
| ш. Душанбе | 15139,2 | 15570,5 | 18905,8 | 22520,7 | 26406,3 | 174,4 |
| НТМ | 12287,6 | 13532,6 | 17314,1 | 19173,7 | 23641,8 | 192,4 |

**Сарчашма:** Таҳия ва ҳисоби муаллиф дар асоси маълумоти [12, с.214].

Мувофиқ ба маълумотҳои ҷадвали 1 метавон иброз дошт, ки пӯёи ММM дар давоми солҳои 2019-2023 дар сатҳи муносиби тавсеаи мусбӣ қарор дорад, маблағи умумии ММM дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2023 нисбат ба соли 2019 ба андозаи 179,1% афзоиш ёфтааст. Афзоиши ММM дар соли 2023 бошад, 123026,8 млн. сомониро фарогир шудааст. Тавре аз маъумотҳои таҳлилии ҷадвал бар меояд, дар ноҳияҳои тобеи марказ ҳиссаи ММM марҳила ба марҳила дар ҳоли рушдёбӣ қарор дорад. Дар давоми марҳилаи таҳқиқотӣ ҳиссаи НТҶ дар тавсеаёбии шохисҳои аслии ММM назаррас буда, он дар ин айём то 192,4% афзоиш ёфтааст. Ҳамзамон, лозим ба зикр аст, ки ҳиссаи НТҶ дар ММM нисбат ба дигар минтақаҳои кишвар зиёдтар мебошад, чунин ҳолат гувоҳӣ аз он медиҳад, ки дар ҳудуди минтақа ба маврид ва мунтазам, корхонаҳои мухталифи иқтисодӣ ва соҳибкорӣ дар ҳоли тавсеаёбӣ қарор доранд.

Иловатан, дар фароянди татбиқи таҳлилот мушаххас гардид, ки ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ суръати рушди ММM ва сармоягузориҳои асосӣ аз ҳисоби тамоми манобеи маблағгузорӣ дар давоми солҳои 2019-2023 ба таври қобили зикр, дар ҳоли тавсеа қарор дорад. Бар ин асос, дар ҷадвали 2 тасмим гирифтем динамикаи рушди ММM ва маблағгузориҳо дар ин самтро барои НТҶ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор диҳем.

**Ҷадвали 2.- Динамикаи рушди МММ ва маблағгузорӣ аз ҳисоби ҳама манбаҳои сармоягузорӣ дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ**

| Солҳо / Нишон-диҳандаҳо | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | Тафовут, 2023/2019, % |
|---|---|---|---|---|---|---|
| МММ, млн. сомонӣ | 12287,6 | 13532,6 | 17314,1 | 19173,7 | 23641,8 | 192,4 |
| Афзоиш нисбат ба соли пештара, % | 111,0 | 110,1 | 127,9 | 110,7 | 123,3 | 12,3 |
| Сармоягузориҳо ба сармояи асосӣ, млн.сом | 4666,5 | 4405,2 | 4246,4 | 5387,4 | 7258,4 | 155,5 |
| Афзоиш нисбат ба соли пештара, % | 157,2 | 94,4 | 96,4 | 126,9 | 134,7 | -22,5 |

**Сарчашма:** Таҳия ва ҳисоби муаллиф дар асоси маълумоти [9, с.114; 12, с.214].

Тавре аз маълумотҳои иттилоотӣ-таҳлилии ҷадвали 2 бар меояд дар давоми тамоми марҳилаи таҳқиқотӣ, яъне дар давоми солҳои 2019-2023 пӯёи рушди МММ ва маблағгузориҳо аз ҳисоби ҳама манобеи сармоягузорӣ дар НТҶ дар ҳоли тавсеа қарор дорад. Афзоиши МММ дар НТҶ дар давоми солҳои 2019-2023 ба андозаӣ, 12,3% рушд намуда истодааст. Ба андешаи мо, афзоиши ин нишондиҳанда ба 12,3% дар давоми солҳои таҳқиқотӣ қобили қабул мебошад, зеро дар давоми солҳои 2019-2021 бо назардошти паҳншавии вируси сироятии COVID -19 иқтисоди минтақаҳои кишвар ва махсусан НТҶ ба таври зарурӣ рушд накард. Аммо сармоягузориҳо ба сармояи асосӣ дар давоми солҳои таҳқиқотӣ ба таври қобили таваҷҷуҳ дар ҳоли рушду равнақ қарор доранд, барои мисол, агар дар соли 2019 ҳаҷми умумии сармоягузориҳо ба иқтисоди минтақа дар умум ба 4666,5 млн.сомонӣ баробар шуда бошанд, пас дар соли 2023 ин нишондиҳанда ба 7258,4 млн.сомонӣ расид, яъне дар давоми марҳилаи таҳқиқотӣ ин нишондиҳанда дар умум ба 2592,9 млн. сомонӣ зиёдтар мебошад. Аммо тавре аз натиҷаи таҳқиқот бар меояд, ҳаҷми сармоягузориҳо дар соли 2023 нисбат ба соли 2019 ба андозаи 22,5% камтар мебошад.

Бар асоси таҳлили роҳандозишуда ва маълумотҳои дар ҷадвал мушаххасгардида, метавон қайд намуд, ки ҳаҷми маҳсулоти шаҳру навоҳии марбут ба НТҶ дар давоми солҳои таҳқиқотӣ дар ҳоли рушд қарор дорад. Тавре мешоҳида мегардад, минтақаҳои мухталифи НТҶ рушди баробар доранд. Барои мисол афзоиши маҳсулоти саноатӣ дар шаҳри Ваҳдат дар давоми марҳилаи таҳқиқотӣ 1,5 маротиба боло рафтааст. Дар ноҳияҳои Шаҳринаву Файзобод афзоиши маҳсулоти санотӣ дар умум 1,5 маротиба зиёд шудааст. Дар шаҳри Турсунзода бошад, афзоиши маҳсулоти саноатӣ дар давоми марҳилаи таҳқиқотӣ, яъне аз соли 2019 то соли 2023 ҳамагӣ 1,2 маротиб афзоиш ёфтааст. Чунин афзоишёбӣ ба андешаи мо бо назардошти иқтидори истеҳсолии минтақа ва ҳамсарҳад будан бо ҳамсоякишвар назаррас нест, яъне чунон ба назар мерасад, ки иқтидори истеҳсолӣ-саноатии шаҳри Турсунзода ба таври қаноаткунанда истифода бурда намешавад. Дар қиёс бо ш. Турсунзода, ноҳияи Тоҷикобод ба нишондиҳандаҳои баландтарин ноил гардидааст. Дар ин минтақа афзоиши маҳсулоти саноатӣ дар давоми давраи мавриди таҳқиқ қарор дода шуда, ба андозаи 1,8 маротиба боло рафтааст. Дар қиёс бо ҳама минтақаҳои

НТҶ – ноҳияи Сангворро метавон ба унвони намуна барои дигар минтақаҳо арзёбӣ намуд. Аз маълумотҳои таҳлилӣ метавон мушоҳида намуд, ки дар давоми ин ноҳия аз қафомондатарин ба пешсафтарин минтақа дар самти истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ гардида, афзоиши маҳсулоти саноатӣ дар ин ноҳия 83,0 маротиб афзудааст. Афзоиши тавлидоти маҳсулоти саноатӣ дар ин минтақа, асосан аз ҳисоби бакорандозии конҳои тилло ва дигар канданиҳои фоиданок таъмин гардидааст.

Мувофиқ ба таҳлилҳо иқтидори НТҶ дар самти афзоишдиҳии сареътари шароити аслии муайянкунандаи асарбахшии фароянди сармоягузории минтақавӣ, мавҷудияти захираҳои молиявии барои татбиқи лоиҳаҳои афзалиятдоштаи сармоягузориҳо, ки қобилияти боздеҳии онҳо дар соҳаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ зиёд мебошад ва ҳамзамон, равнақи иқтисодии ин минтақаро таъмин менамояд, маҳсуб меёбад. Муайянсозии он ки, фаъолнокии иқтисодии субъектҳои хоҷагидории минтақа кадом як нақшро дар низоми омилҳои тавсеаи иқтисодии ба сатҳи тафриқаи иқтисодӣ-иҷтимоӣ ба сатҳи тасъсиррасон иҷро менамоянд, зарур шуморида мешавад.

Ноҳияҳои тобеи марказ на танҳо аз ҳисоби боигарии табиӣ, балки вобаста ба мавқеи ҷуғрофӣ, махсусан ноҳияҳои Ваҳдату Сангвор аз ҳам тафовути ҷиддӣ доранд. Ин ноҳияҳо дар мавзеоти кӯҳӣ ва дар минтақаи шарқӣ қарор доранд. Новобаста аз захираҳои бузурги табиӣ, ин ноҳияҳо то ба ҳол навоҳии кишоварзӣ мебошанд, аз ин хотир, тавсеаи иқтисодӣ-иҷтимоии ин минтақаҳо дар сатҳи зарурӣ ба мушоҳида намерасад.

Дар минтақа ноҳияҳои нафтдор низ арзи ҳастӣ доранд, барои мисол кони нафти Кофарниҳон, ки дорои захираи газ дар ҳаҷми 50-100 млрд.м$^3$ мебошад, аҳамияти махсус дорад. Ифтитоҳи ин кон ба назари мутахассисон, фурсат медиҳад то ҳар сол ба андозаи 5-10 млрд.м$^3$ газ ва дар ҳаҷми 1 -1,5 млн.т. конденсат истихроҷ карда шавад. Захираҳои ангишт вобаста ба се кон Зиддӣ, Назар-Айлоқ ва Миёнаду дар умум 101,1 млн. тоннаро ташкил медиҳад. Дар ноҳияи Ғарм захираҳои сиенитҳои нефелинӣ кашф гардидаанд.

Дар минтақа зиёда аз даҳ кони ашёи хом барои истеҳсоли семент кашф гардидааст, вале захираи тавозунии ду кони истифодашаванда, кони Харангон бо захираҳои танҳо марбут ба категорияҳои истеҳсолӣ 146,7 млн.тонна ва кони Варзоб бо захираи гили хокистарӣ тибқи категорияҳои истеҳсолӣ 23,7млн. тонна ба ҳисоб гирифта шудаасту халос. Ҳамчунин, конҳои баландсифати маъдании Майхура, кони волфрами Шутургардан, кони захираи шпати плавикӣ дар Маѓов, кони селестини Чалташ, Даудир ва Ҷиргатол дар љумњури мављуд мебошанд.

Сармоягузориҳо ба НТҶ дар давоми солҳои охир гуногунранг мебошанд. Тавре аз маълумотҳои ҷадвал бар меояд дар минтақа сармоягузориҳо дар ҳоли вусъатёбӣ қарор надоранд, мувофиқ ба маълумотҳои дар ҷадвал инъикосёфта, дар соли 2021 бештари сармояи ҷалбшуда, сармоя мустақим мебошад, дар маҷмӯъ маблағи умумии сармоягузорӣ ба НТҶ дар соли 2021 ҳамагӣ 272916,2 млн. сомониро ташкил намудааст. Ҳамчунон дар соли 2021 аз ҳисоби дигар манбаъҳо сармоя ба маблағи умумии 2821,3 млн. сомонӣ ҷалб гаридаасту халос. Дар ин сол аз ҳисоби дигар сармоягузориҳо асосан ду минтақаи НТҶ истифода

намудааст, н. Рӯдакӣ дар ҳаҷми 669,2ҳазор сомонӣ ва шаҳри Турсунзода маблаҒи умумии 2152,1 млн.сомониро ҷалб намудааст. Дар соли 2022 шаҳри Ваҳдат дар ҷалби сармояи мустақим ва ҷалби сармоя аз дигар манобеъ бештар талош намудааст. Шаҳри Ваҳдат дар ин сол сармояи мустақимро ба миқдори 21817,5 млн. сомонӣ ва аз ҳисоби дигар манбаъҳо бошад, 2321,3 млн.сомониро ҷалб кардааст. Дар соли 2023 бошад, аз ҳисоби ҳама манбаъҳои сармоягузориҳо ба НТҶ ҳамагӣ 6257,1 млн.сомонӣ маблағ ҷалб гардидааст.

Тавре қаблан изҳор доштем, ҳадафи асосии таъмини тавсеаи иқтисодӣ ин беҳдошти вазъи иҷтимоии минтақа маҳсуб меёбад. Бинобар ин, таҳлили вазъи иҷтимоии минтақа низ муҳим арзёбӣ мегардад. Мувофиқ ба таҷрибаи ҷаҳонӣ яке аз нишондиандаҳои асосии равнақи иҷтимоӣ ин бо шуғл фарогиршавии аҳолии минтақа маҳсуб меёбад, бар ин асно дар ҷадвали 3 шумораи миёнаи солонаи кормандони кироякор мавриди пешниҳод қарор дода шудааст.

**Ҷадвали 3. - Шумораи миёнаи солонаи кормандони кироякор дар ҷумҳурӣ ва НТҶ (коргарон ва хизматчиён), ҳазор нафар**

| | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | Тафовут 2023/2019, % |
|---|---|---|---|---|---|---|
| **Ҷумҳурии Тоҷикистон** | **1197,8** | **1214,2** | **1237,6** | **1244,0** | **1257,4** | 105,0 |
| **НТҶ** | **114,4** | **112,3** | **109,6** | **107,6** | **107,1** | 93,6 |
| шаҳри Ваҳдат | 16,5 | 16,8 | 17,2 | 17,4 | 17,3 | 104,8 |
| шаҳри Ҳисор | 16,7 | 16,8 | 17,0 | 17,0 | 16,8 | 100,6 |
| шаҳри Турсунзода | 23,1 | 22,3 | 22,1 | 21,2 | 20,7 | 89,6 |
| ноҳияи Варзоб | 3,8 | 4,2 | 4,6 | 4,5 | 4,5 | 118,4 |
| ноҳияи Рӯдакӣ | 18,8 | 18,4 | 15,9 | 15,3 | 15,6 | 83,0 |
| ноҳияи Шаҳринав | 6,0 | 5,8 | 5,7 | 5,7 | 5,4 | 90,0 |
| ноҳияи Файзобод | 5,3 | 5,5 | 5,5 | 5,6 | 5,5 | 103,8 |
| ноҳияи Роғун | 8,5 | 6,9 | 5,4 | 5,0 | 5,3 | 62,4 |
| ноҳияи Нуробод | 2,9 | 2,7 | 3,1 | 3,2 | 3,4 | 117,2 |
| ноҳияи Рашт | 5,5 | 5,6 | 5,3 | 5,2 | 5,3 | 96,4 |
| ноҳияи Тоҷикобод | 2,1 | 2,1 | 2,1 | 2,0 | 2,0 | 95,2 |
| ноҳияи Сангвор | 1,8 | 1,9 | 2,2 | 2,2 | 2,1 | 116,7 |
| ноҳияи Лахш | 3,4 | 3,3 | 3,5 | 3,3 | 3,2 | 94,1 |
| Ҳиссаи НТҶ нисбат ба ҷумҳурӣ, % | 9,6 | 9,2 | 8,9 | 8,6 | 8,5 | -1,03 |

**Сарчашма.** Таҳия ва ҳисоби муаллиф дар асоси маълумоти [9, с.70].

Мувофиқ ба маълумотҳои таҳлилии дар ҷадвали 3 овардашуда, мушаххас аст, ки дар давоми солҳои таҳқиқотӣ шумораи миёнаи кормандони кироякор дар ҷумҳурӣ ва НТҶ тафовут доранд. Дар давоми солҳои 2019 -2023 шумораи умумии кормандони кироя дар миқёси ҷумҳурӣ аз 1197,8 ҳаз. нафари соли 2019 то ба 1257,4 ҳазор нафар дар соли 2023 боло рафтааст, яъне афзоиш дар ин айём 105,0%-ро ташкил намудааст. Дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ин ниҳондиҳанда каме тафовут дорад. Тибқи маълумоти таҳлилии ҷадвали 3 шумораи умумии кормандони кироя дар НТҶ дар соли 2019 ҳамагӣ 114,4 ҳазор нафарро ташкил

намудааст, дар соли 2023 бошад, ин шумора ба 107,1 ҳазор нафар ва ё 93,6% афзоиш ёфтааст. Дар ноҳияи Варзоб бо назардошти минтақаи истироҳатӣ ва сайёҳию фароғатӣ буданаш, афзоиши кормандони кироя бештар ба бахши сохтмон ва хизматрасониҳо рост меояд. Пешсафтарин ноҳияҳо дар ҷалби кормандони кироя ноҳияҳои Варзоб, Файзобод, Сангвор ва Нуробод мебошанд. Новобаста аз он, ки дар НТҶ ҳиссаи кормандони кироя дар баъзе аз навоҳии минтақа рӯ ба афзоиш ниҳодааст, аммо дар қиёс бо ҷумҳурӣ ин нишондиҳанда тамоюли шадиди пастравиро ифода менамояд. Чунин ҳолат, ба андешаи мо бо назардошти набудани ҷойҳои кории доимӣ ва сатҳи пасти музди моҳона арзёбӣ мегардад (ниг. ба ҷадвали 4).

**Ҷадвали 4. - Музди меҳнати миёнаи моҳонаи номиналии меҳнат дар сатҳи ҷумҳурӣ ва минтақаҳои он, сомонӣ**

| | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | Тафовут 2023/2019, % |
|---|---|---|---|---|---|---|
| **Ҷумҳурии Тоҷикистон** | 1335,5 | 1393,8 | 1540,8 | 1760,3 | 2013,1 | 150,7 |
| **ш. Душанбе** | 2040,5 | 2080,8 | 2282,9 | 2572,4 | 2836,4 | 139,0 |
| **НТҶ** | 1120,1 | 1192,8 | 1274,7 | 1450,5 | 1666,9 | 148,8 |
| Вилояти Суғд | 1182,7 | 1236,3 | 1418,8 | 1632,8 | 1875,7 | 158,6 |
| Вилояти Хатлон | 998,5 | 1053,8 | 1143,2 | 1305,1 | 1557,7 | 156,0 |
| ВМКБ | 1200,3 | 1347,4 | 1459,3 | 1636,2 | 1847,6 | 153,9 |
| Ҳиссаи НТҶ нисбат ба ҷумҳурӣ, % | 83,9 | 85,6 | 82,7 | 82,4 | 82,8 | -1,1 |

**Сарчашма.** Таҳия ва ҳисоби муаллиф дар асоси маълумоти [9, с.74].

Музди меҳнати миёнаи моҳонаи номиналии меҳнат дар давоми солҳои таҳқиқотӣ афзоиш ёфта истодааст. Тавре аз маълумотҳои дар ҷадвали 4 инъикосёфта бар меояд, дар давоми марҳилаи таҳқиқотӣ, яъне аз соли 2019 то соли 2023 музди меҳнати миёна дар НТҶ ба андозаи 148,8% афзоиш ёфтааст. Агар дар соли 2019 музди миёнаи меҳнат дар НТҶ баробар ба 1120,1 сомонӣ бошад, он гоҳ дар соли 2023 ин маблағ то ба 1666,9 сомонӣ расидааст. Аммо дар қиёс бо ҷумҳурӣ ин нишондиҳанда дар НТҶ то ба 1,1% пасттар мебошад. Ба андешаи мо, маҳз ҳамин омил боиси коҳиши шумораи кормандон дар бахшҳои мухталифи иқтисодии минтақа гардидааст. Аз тарафи дигар чунин афзоиш бо назардошти болоравии нархи молу маҳсулот ва мутаносибан афзоиши меъёри таваррум рағбатҳои аҳолиро ҷиҳати бо шуғл фарогир шудан коста мегардонад. Ба андешаи мо, дар ин минтақа бояд маблағгузориҳо аз тарафи давлат ҷиҳати пешбурди соҳибкории хурд махсусан дар самти сайёҳӣ ва пешбурди фаъолияти занбуриасалпарварӣ зиёд карда шаванд.

Муҳимтарин омили равнақи минтақаҳо ва махсусан бахши истеҳсолии онҳо, афзоиши мунтазаму босуръати маблағгузориҳо ба сармояи асосӣ маҳсуб меёбад, зеро аз ҳисоби ин шакли сармоягузорӣ сохтмони объектҳои мухталифи саноатӣ ва ғайрисаноатӣ дар ҳама минтақаҳои кишвар таъмин карда шуд. Дар чунин шароит бонкҳои тиҷоратии кишвар бояд ба унвони яке аз манобеи муҳими дохилӣ дар самти маблағгузориҳои иқтисоди кишвар баромад намоянд. Тавре аз таҷрибаи кишварҳои пешсаф бар меояд, бонкҳо калидитарин ниҳоди молиявие мебошанд, ки лоиҳаҳои бузургро сармоягузорӣ менамоянд, бинобар

ин, ба андешаи мо, бонкҳои тиҷоратии кишвар бояд дар ин самт фаъолияти бештар дошта бошанд. Дар ҷадвали 5 маблағугузории қарзии бонкҳои тиҷоратии кишвар ба бахшҳои мухталифи иқтисоди миллӣ мавриди пешниҳод қарор дода шудааст.

**Ҷадвали 5. - Қарзҳои додашудаи ташкилотҳои қарзии молиявӣ аз рӯи соҳаҳо,** ***млн. сомонӣ***

| Солҳо / Нишондиҳандаҳо | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | 2024 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҳамаи қарзҳо | 7675, | 8903,7 | 10 210,2 | 14382,1 | 18991,2 | 19235,8 |
| Кишоварзӣ | 826,9 | 764,4 | 1 006,0 | 2433,9 | 2734,4 | 2504,4 |
| Саноат | 2862,7 | 2997,1 | 1 027,9 | 1478,5 | 2678,7 | 2334,1 |
| Сохтмон | 761,7 | 1313,9 | 448,8 | 527,0 | 726,0 | 718,6 |
| Нақлиёт | 232,9 | 227,2 | 83,7 | 244,7 | 130,6 | 117,9 |
| Хӯроки ҷамъиятӣ | 32,9 | 34,9 | 42,3 | 31,1 | 24,6 | 33,7 |
| Хизматрасонӣ | 304,1 | 343,5 | 226,8 | 1463,9 | 1350,7 | 1394,6 |
| Савдои хориҷӣ | 1173,6 | 1373 1 | 803,9 | 2015,9 | 2224,7 | 2735,6 |
| Миёнаравии молиявӣ | 4,9 | 3,8 | 3,9 | 8,02 | 15,4 | 18,0 |
| Истеъмолот | 1284,5 | 1686,2 | 707,3 | 5603,02 | 8189,5 | 9091,3 |
| Дигар | 190,9 | 159,6 | 859,6 | 576,01 | 916,5 | 287,7 |

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти [2].

Тавре аз маълумотҳои таҳлилии ҷадвали 5 бар меояд, бонкҳои тиҷоратӣ ҳаҷми умумии қарзҳоро дар давоми марҳилаи таҳқиқотӣ давра ба давра афзоиш дода истодаанд. Агар дар соли 2019 ҳаҷми умумии қарзҳои додашуда ба 7675 млн.сомонӣ баробар шуда бошад, он гоҳ дар соли 2024 ин нишондиҳанда ба 19235,8 млн.сомонӣ афзоиш ёфтааст. Чунин равиш гувоҳӣ аз он медиҳад, ки бонкҳои тиҷоратии кишвар дар самти маблағгузории иқтисоди миллӣ мавқеи ба худ хосро доро мебошанд. Аз ҷумла, дар давоми марҳилаи таҳқиқотӣ, ҳаҷми умумии қарзҳои дода шуда, ба бахши кишоварзии тамоюли назарраси боловариро ифода менамоянд, барои мисол, агар дар соли 2019 њаљми маблаѓи қарзњо ба 826,9 млн. сомонӣ баробар бошад, пас дар соли 2023 ин нишондињанда ба 2504,4 млн. сомонӣ расидааст, яъне дар давоми марҳилаи таҳқиқотӣ ҳаҷми қарзҳои додашуда ба ин бахш ба андозаи 1 678,4 млн. сомонӣ боло рафтааст. Аммо дар қиёс бо бахши кишоварзӣ, дар соҳаҳои саноати кишвар ин шохис баръакс коҳиш ёфта истодааст, барои мисол агар дар соли 2019 ин маблағ ба 2862,7 млн. сомонӣ расида бошад, онҳо дар соли 2023 ҳаҷми умумии қарзҳо дар умум 2334,1 млн. сомониро ташкил намудааст, ки нисбат ба соли 2019 ба андозаи -528,6 ҳаз. сомонӣ камтар мебошад. Далели аслии чунин вазъ ба андешаи мо афзоиши қарзҳои кредитории корхонаҳо маҳсуб меёбад. Масалан, танҳо дар соли 2023, ҳаҷми умумии қарздории кредитории корхонаҳои саноатии кишвар 78920,9 млн. сомониро ташкил намудааст, аз ин миқдор маблағ 1507,4 млн. сомонӣ қарзҳои ба таъхир афтода мебошанд. Бар ин асно чунин пешниҳод менамоем, ки бояд маблағгузории дарозмуддати бонкӣ ба бахши саноатии кишвар тавассути бонкҳои тиҷоратии давлатӣ бо қисман маблағгузорӣ аз буҷети ҷумҳуриявӣ, инчунин ҷиҳати ҳавасмандгардонии бахши бонкӣ, ба андешаи мо бояд ба бонкҳои хусусии маблағгузор имтиёзҳо ва

ё ҳадди ақал таътилҳои андозӣ пешниҳод карда шаванд, иловатан бояд аз тарафи низоми суғуртаи миллӣ ва аз ҷумла ширкати давлатии Тоҷиксуғурта ба бонкҳо кафолати баргардонидани қарзҳои батаъхирафтода дода шавад.

Дар шароити иқтисоди бозори тавсеа ва пешрафти ҳар як бахши хусусияти иқтисодӣ дошта, қабл аз ҳама аз ҳаҷми маблағгузориҳо ба ин ва ё он бахш сахт вобастагӣ дорад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бонкҳои тиҷоратӣ ва дигар ташкилотҳои қарзӣ бо маблағгузории ба ин бахш сару кор доранд. Дар ҷадвали 6 ҳаҷми умумии сармоягузориҳои бахши бонкии кишвар мавриди пешниҳод қарор дода шудааст.

**Ҷадвали 6. - Сармоягузориҳои қарзии бахши бонкии миллӣ ба хоҷагии қишлоқ (млн. сомонӣ).**

| Номгӯй | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | Тафовут, 2023/2019, маротиба |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҳамагӣ | 9789,5 | 10965,4 | 12051,1 | 13657,0 | 17921,1 | 1,8 |
| Аз онҳо кӯтоҳмуддат | 3720,4 | 3405,4 | 3754,3 | 4249,2 | 4950,5 | 1,3 |
| Дарозмуддат | 6069,1 | 7560,0 | 8296,8 | 9407,8 | 12970,6 | 2,1 |
| Аз он ҷумла корхонаҳои кишоварзӣ | 436,9 | 390,1 | 393,7 | 492,6 | 279,6 | 0,6 |
| Аз онҳо кӯтоҳмуддат | 317,6 | 310,2 | 378,3 | 472,3 | 254,5 | 0,8 |
| Дарозмуддат | 119,3 | 79,9 | 15,4 | 20,3 | 25,1 | 0,2 |
| Таносуби корхонаҳои кишоварзӣ дар сармоягузориҳои қарзӣ, % | 5,7 | 10,3 | 8,3 | 8,4 | 11,0 | 1,9 |
| Аз онҳо кӯтоҳмуддат | 6,7 | 12,1 | 9,9 | 9,6 | 11,3 | 1,7 |
| Дарозмуддат | 2,5 | 2,8 | 0,7 | 2,1 | 7,9 | 3,2 |

**Сарчашма:** Таҳия ва ҳисоби муаллиф дар асоси маълумоти [11, с.117-118].

Таҳлили иттилооти омории дар ҷадвали 6 оварда шуда, гувоҳидиҳандаи онанд, ки дар давоми марҳилаи таҳқиқотӣ ҳаҷми сармоягузориҳои муассисаҳои молиявӣ-қарзии кишвар аз 9789,5 миллион сомонӣ то ба 17921,1 миллион сомонӣ ва ё 1,8 маротиба афзоиш ёфтааст, аз ҷумла дар ин айём андозаи сармоягузориҳои қарзии бахши бонкии кишвар 2,1 маротиб боло рафтааст. Маблағгузориҳои қарзии бахши бонкии кишвар ба соҳаи кишоварзӣ дар давоми тамоми марҳилаи таҳқиқотӣ нисбатан коҳиш ёфтаанд, барои мисол, агар дар соли 2019 ҳаҷми умумии қарзҳо ба бахши кишоварзӣ дар маҷмӯъ 436,9 млн.сомониро ташкил дода бошад, он гоҳ дар соли 2023 ин нишондиҳанда ба 279,6 млн.сомониро ташаккул медиҳад, дар қиёс бо соли 2019 ба андозаи 0,6 маротиба камтар мебошад.

Бар асоси натиҷаҳои дар ин самт бадастомода, мо чунин пешниҳод менамоем, ки ҷиҳати равнақу тавсеаи бахши кишоварзӣ бояд дастгириҳои молиявии давлатӣ дар шакли пешниҳоди қарзҳои имтиёзнок, эълони таътилҳои андозӣ барои пардохти андоз ва иҷрои дигар уҳдадориҳо ба таъхир андохта шаванд. Инчунин, ҷиҳати рақобатпазиргардонии маҳсулоти бахши кишоварзӣ мо ба ин назарем, ки дар кишвар бо дастгирии бевоситаи сохторҳои давлатӣ корхонаҳои истеҳсолкунанди маҳсулотҳои кимиёӣ ва

дигар маводҳои барои рушди ин бахш дар дохили кишвар сохта ба истифода дода шаванд.

Дар умум, баҳри густаришу равнақи иқтисодӣ-иҷтимоии НТҶ ва ҳама минтақаҳои кишвар, ҳамгироии сохторҳои давлатӣ бо соҳибкорону сармоягузорон бояд ба пурррагӣ таъмин карда шавад. Ба андешаи мо, танҳо дар натиҷаи ҳамгироӣ метавон ҳам рушди иқтисодӣ-иҷтимоии минтақаҳо ва ҳам иқтидори иқтисодӣ-содиротии онҳоро таъмин намуд.

**Боби сеюм** – "Самтҳои асосии такмили механизми дастгирии сармоягузории сиёсати иқтисодӣ-иҷтимоии минтақаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон". Дар ин боб масъалаҳои таъмини ташкилӣ-иқтисодии дастгирии сармоягузории рушди устувори минтақа мавриди баррасӣ қарор дода шуда, механизми буҷетӣ-андозии дастгирии сармоягузориҳо бо мақсади ҳавасмандгардонии сармоягузорон ва дар ин замина таъмини тавсеа ва равнақи иқтисодии минтақаҳо ифшо карда шудаанд.

Сиёсати иқтисодӣ-иҷтимоии кишвар, аз ҷумла, минтақаҳои ҷудогонаи он, тахминан аз лаҳзаи зуҳури худи ниҳоди давлатӣ ва давлатдорӣ маншаъ мегиранд. Мубрамияти сиёсати иқтисодӣ-иҷтимоӣ дар марҳилаи муосир пайваста дар ҳоли афзоиш аст. Он бо далели мушкилот ва печидагии ҳаёти ҷамъиятӣ, мураккабии вазифаҳое, ки ҳаллу фасли онҳо бе таҳлили иқтисодӣ-иҷтимоӣ имконпазир нест, хавфи таҳдидҳои экологӣ, афзоиши сатҳи номуайянӣ дар равандҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва сиёсӣ асоснок карда мешавад. Зарурати бароҳмонии сиёсати давлатии муносиб бо назардошти афзоишёбии мушкилиҳои хусусияти иқтисодӣ-иҷтимоӣ дошта, инчунин бо назардошти машаққат ва зиддиятҳо дар марҳилаҳои мухталифи давлатдорӣ ба вуқуъ пайваста аст.

Тавсеаи иқтисоди миллӣ бечуну чаро аз омилҳои барзиёди хусусияти минтақавӣ дошта вобастагӣ дорад. Ҳамин тавр, давлат бояд мақомот ва сохторҳои марбутаи минтақавиро такмилу густариш диҳад. Қабл аз ҳама, ҷиҳати такмили равнақи сиёсати минтақавӣ, бояд ба иқтидори воқеии минтақа ҳамчун як низоми ҷудоинопазир ва таркибии худравнақёбанда диққати аввалия дод. Бар ин асно, омӯзишу татбиқи механизми давлатии танзими фаъолияти сармоягузориҳо, барои равнақу густариши мувозини минтақаҳо, таъмини суботи иқтисодӣ-иҷтимоии кишвар зарур мебошад.

Асоси сиёсати сармоягузориҳои давлатиро механизм ба шакл медарорад, ки аз таркиботи зерин бархурдор мебошад (нигаред ба расми 2).

Механизми сармоягузорӣ маҷмӯи шаклҳои мухталиф ва равишҳои истифоданамоии сармоя бо мақсади таъмини татбиқи сиёсати сармоягузории мувофиқ дар доираи низоми иқтисодӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шуд. Ҳамин тавр, механизми сармоягузорӣ ин василаи таъсиррасон ба объект ва субъекти низоми сармоягузорӣ маҳсуб меёбад.

Механизми сармоягузорӣ аз як қатор зернизомҳо иборат мебошад:

- ҳуқуқи сармоягузорӣ;
- банақшагирӣ ва пешгӯии сармоягузорӣ;
- таҳлили сармоягузорӣ;
- назорати сармоягузориҳо;

❖ иттилооти сармоягузорӣ.

Ба андешаи мо, сиёсати сармоягузории давлат инъикосгари коркади бастаи санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии танзмикунандаи фаъолияти сармоягузорӣ ва ҳамчунин маҷмӯи чораҳое, ки баҳри таъсиси фазои мусоиди сармоягузорӣ сафарбар гардидаанд ва ҳадафи онҳо ҷалби сармоя ҷиҳати равнақи иқтисодӣ – иҷтимоӣ мебошад, нигаронида шудааст.




**Расми 2. - Механизми сармоягузории сиёсати давлатии сармоягузорӣ**
**Сарчашма**: Таҳияи муаллиф.

Бо мақсади ташаккули механизмҳои қобили қабул ҷиҳати тавсеи соҳаҳои ҷудогонаи иқтисоди кишвар ва минтақаҳои он дар соли 2007 бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи “Коркарди барномаҳои иқтисодӣ-иҷтимоии тавсеаи минтақаҳо” қабул карда шуд. Ҳадафи аслии қабули чунин як барнома, қабл аз ҳама, равнақу тавсеаи минтақаҳо бар асоси равобити муштарак байни мақомоти марказӣ ва минтақаҳо маҳсуб меёбад. Ҳамин тавр, ба вазифаҳои аслии сиёсати сармоягузории давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил карда мешаванд:

✓ Такмил ва равнақи минбаъдаи пойгоҳи меъёрӣ-ҳуқуқӣ ҷиҳати фаъолнамоии фаъолияти сармоягузорони хориҷӣ бо дарназаргирии манфиатҳои миллӣ;

✓ Дар назар доштани афзалиятҳои иқтисодӣ-иҷтимоии тавсеаи ҷумҳурӣ ҳангоми коркард ва татбиқи лоиҳаи бузурги сармоягузории минтақавӣ;

✓ Бунёди фазои мусоиду созгор дар минтақаҳои кишвар, вориднамоии режими таҳриккунандаи андозию гумрукӣ барои сармоягузорони хориҷӣ, ки ба талботи бозори муосир ҷавобгӯ мебошанд, бакорандозии механизмҳои дар амал ҳифзкунандаи ҳуқуқ ва манфиатҳои сармоягузорон зимни татбиқи лоиҳаҳои сармоягузориҳо дар минтақаҳо;

✓ Аз байн бурдани нобаробарии иҷтимоӣ дар ҷалби сармоя ба минтақаҳо, яъне тақвиятбахшии самти сармоягузориҳои минтақавӣ ва фаъолияти инноватсионӣ, афзоиши маблағгузориҳо ба илмҳои бунёдию амалӣ;

✓ Бунёди низоми суғуртанамоии сармоягузориҳои хориҷӣ, татбиқи муносибатҳои гаравӣ.

Ба таври ҳамасола бо мақсади дастгирии тавсеа ва равнақи минтақаҳо, аз буҷети ҷумҳурӣ ба минтақаҳои кишвар махсусан ба НТЉ, ВМКБ ва вилояти Хатлон мусоидатҳои молиявӣ ҷудо ва таҳвил дода мешаванд.

Мусоидати молиявӣ- маблағҳои буҷетие, ки ба буҷетҳои сатҳи дигари низоми буҷетии ҷумҳурӣ ё шахси ҳуқуқӣ барои анҷоми хароҷоти муайяни беподошу бебозгашт ҷудо карда мешаванд.

Кумакҳои молиявии беподош-маблағгузориҳои буҷетие, ки сатҳи дигари низоми буҷетии ҷумҳурӣ барои пӯшонидани хароҷоти ҷорӣ беподошу бебозгашт ҷудо карда мешаванд [6, с.2]. Нишондиҳандаҳо дар мавриди ҷудонамоии маблағҳо вобаста ба мусоидатҳои молиявӣ ва кумакҳои молиявӣ дар ҷадвали 7 мавриди пешниҳод қарор дода шудаанд.

**Ҷадвали 7. – Ҳаҷми мусоидати молиявӣ (субвенсия) аз буҷети ҷумҳуриявӣ ба буҷетҳои маҳаллӣ барои солҳои 2022-2024,** ҳаз.сомонӣ

| Номгуи вилоят ва ноҳияҳо | 2022 | бо % нисбати ҳаҷми умумӣ | 2023 | бо % нисбати ҳаҷми умумӣ | 2024 | бо % нисбати ҳаҷми умумӣ | Тафовути соли 2024 нисбат ба солҳо бо % | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | | 2022 | 2023 |
| ВМКБ | 213861 | 18,7 | 259248 | 17,5 | 301001 | 16,4 | 140,7 | 116,1 |
| вилояти Хатлон | 603315 | 52,8 | 837591 | 56,6 | 1068385 | 58,1 | 177,1 | 127,6 |
| ноҳияи Варзоб | 15369 | 1,3 | 18851 | 1,3 | 24895 | 1,4 | 162,0 | 132,1 |
| ноҳияи Рашт | 51901 | 4,5 | 63056 | 4,3 | 74801 | 4,1 | 144,1 | 118,6 |
| ноҳияи Лахш | 36003 | 3,2 | 43892 | 3,0 | 53976 | 2,9 | 149,9 | 123,0 |
| ноҳияи Нуробод | 39929 | 3,5 | 48766 | 3,3 | 57735 | 3,1 | 144,6 | 118,4 |
| ноҳияи Рӯдакӣ | 64892 | 5,7 | 63583 | 4,3 | 80437 | 4,4 | 124,0 | 126,5 |
| ноҳияи Сангвор | 18010 | 1,6 | 18156 | 1,2 | 22000 | 1,2 | 122,2 | 121,2 |
| ноҳияи Тоҷикобод | 25498 | 2,2 | 31051 | 2,1 | 37425 | 2,0 | 146,8 | 120,5 |
| ноҳияи Файзобод | 44580 | 3,9 | 54940 | 3,7 | 68022 | 3,7 | 152,6 | 123,8 |
| ноҳияи Шахринав | 29090 | 2,5 | 40078 | 2,7 | 49850 | 2,7 | 171,4 | 124,4 |
| **Ҳамагӣ** | **1142448** | **100** | **1479212** | **100** | **1838527** | **100** | **1635,3** | **1352,1** |

**Сарчашма.** Таҳия ва ҳисоби муаллиф дар асоси маълумоти [7].

Мувофиқ ба маълумотҳои таҳлилии дар ҷадвали 7 дарҷёфта, дар давоми марҳилаи таҳқиқотӣ маблағи мусоидатҳои молиявӣ барои вилояти Хатлон, ВМКБ ва НТҶ дар умум 4460087 млн. сомониро ташкил дод. Лозим ба зикр аст, ки маблағи мусоидатҳои молиявӣ дар ин айём тамоюли афзоишёбандаро инъикос менамоянд. Мусоидатҳои молиявӣ дар шаҳрҳо ва НТҶ ба 1 176686 сомонӣ баробар мебошанд. Дар соли 2022 маблағи умумии мусоидатҳои молиявӣ барои НТҶ 325 272 сомониро ташкил намуд. Дар соли 2023 ин маблағ дар умум барои НТҶ 382 373 сомониро дар бар гирифт, тавре аз таҳқиқот баро меояд ҳаҷми мусоидатҳои молиявӣ дар соли 2023 нисбат ба соли 2022 ба андозаи 17, 55% зиёд мебошанд. Дар соли 2024 бошад, ҳаҷми умумии мусоидатҳои молиявӣ барои НТҶ дар умум 469 141- сомониро ташкил намуд,

ки нисбат ба соли 2023 ба андозаи 22,7% ва нисбат ба соли 2022 ба андозаи 44,23% зиёд мебошад. Мувофиқ ба мушоҳидаҳо дар НТҶ мусоидатҳои молиявӣ бештар ба ноҳияи Рӯдакӣ сафарбар карда мешаванд, дар давраи таҳқиқотӣ миқдори умумии мусоидатҳои молиявӣ ба ин ноҳия 208 912 сомониро ташкил намудааст. Боис ба зикр аст, маблағу мусоидатҳои молиявӣ барои НТҶ тамоюли афзоишёбандаро ифода менамояд. Маълум аст, ки мусоидатҳои молиявӣ тибқи таҷрибаи фаромилалӣ ба унвони абзори аз нав тақсимнамоии буҷет байни зинаҳои мухталиф ва аз нав дида баромадани низоми миллии андоз ба кор бурда мешавад. Ин воситаҳо ҳама вақт бо мақсади муайян, муҳлати муайян пешниҳод мегарданд ва таҳти назорати қатъӣ қарор дода мешаванд.

Амалкарди босамари иқтисоди минтақаҳои ҷумҳурӣ, аз ҷумла НТҶ дар аксар маврид аз сиёсати асарбахшонаи минтақавӣ вобастагӣ дорад, аз ин лиҳоз, сиёсати иқтисодии минтақавӣ бояд бо назардошти рағбату манфиатҳо дар ҳама самтҳои дар минтақа фаъолияткунанда амалӣ карда шавад. Аммо дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон на ҳама вақт ба минтақаҳо чунин ҳуқуқҳо ироа карда мешаванд. Мувофиқ ба таҳлилҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон механизмҳои иқтисодии минтақасозӣ то ба ҳол ба таври қобили таваҷҷуҳ коркард карда нашудаанд. Ба ҷуз аз ин, бояд қайд намуд, ки иқтидори минтақаҳои кишвар ва махсусан НТҶ дар самти худтаъминнамоӣ, худмаблағгузорӣ ва худбоздеҳӣ ба таври қобили қабул кифояткунанда нестанд.

Ба андешаи мо сабаби аслии чунин ҳолат, ин ақибмондагии бахши воқеии иқтисод дар минтақаҳои кишвар, аз ҷумла дар НТҶ ба ҳисоб меравад. Таҳқиқотҳои дар ин самт роҳандозӣ шуда гувоҳӣ аз он медиҳанд, ки иқтидори молиявӣ вобаста ба назарияпардозиҳо фарогирандаи маҷмӯи иқтидори буҷетӣ, андозӣ ва сармоягузорӣ мебошад. Бо дар назар гирифтани ин нуқтаҳо қайд намудан зарур аст, ки суботи худмаблағгузориҳо ба иқтисоди минтақа дар натиҷаи коркарду дар амал татбиқнамоии сиёсати босамари буҷетӣ, молиявӣ, қарзӣ, андозӣ ва нархгузорӣ амалӣ хоҳад шуд, ҳамзамон барои густариши ин масъала ба андешаи мо бояд муносибатҳои байнибуҷетии одилона ва адолатнок бо сохторҳои ҳукумати марказӣ таъмин карда шавад, иловатан бояд равнақи бозори қоғазҳои қиматнок ва механизми таъмини фаъолияти сармоягузориҳо дар минтақаҳо коркард карда шавад, афзоиши ҳаҷми маҳсулоти содиротӣ ва мутаносибан сатҳи даромаднокии аҳолии минтақаҳо таъмин карда шавад.

Бояд қайд намуд, ки дар самти устуворгардонии иқтидори молиявии НТҶ ва дигар минтақаҳои кишвар, буҷети ин минтақаҳо нақши ҳалкунанда дорад, чунки тавассути буҷет таъминоти иқтисодӣ-иҷтимоии минтақа амалӣ карда мешавад. Бар замми ин, сиёсати фискалӣ дар ин раванд ба унвони асоситарин абзори бевосита таъсиррасонандаи давлатӣ ба рафти тавсеаи иқтисодии минтақаҳо арзёбӣ мегардад. Ҳангоми татбиқи сиёсати фискалӣ, дар НТМ механизми буҷетию андозии танзимгари иқтисоди ин минтақа ба вуқуъ мепайвандад. Дар натиҷаи татбиқиислоҳотҳо аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон буҷети худро ҳамчун абзори нисбатан муфиди танзимкунандаи давлатӣ муаррифӣ намуд (ниг. ба расми 3).




**Расми 3 . - Унсурҳои асосии ҳавасмандгардонии низоми фискалӣ дар иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Сарчашма**: Таҳияи муаллиф.

Ҳангоми дида баромадани сиёсати андозӣ ба унвони як омили муайянкунандаи фазои сармоягузорӣ дар сатҳи минтақа, метавон қайд намуд, ки фазои сармоягузории минтақаҳои кишвар таҳти таъсири сиёсати давлатии андозӣ шакл мегирад, ин сиёсат барои минтақаҳо ҳамчун омили беруние маҳсуб меёбад, ки баназаргирии он ҳатмӣ ва мувофиқи мақсад мебошад. Сиёсати андозии минтақа, ҳамчун як унсури минтақавии сиёсати умумииқтисодӣ баромад намуда, ба омилҳои айнии дохилӣ шомил мебошад, муайянкунандаи низоми андозии минтақа ва режимҳои андозбандии фаъолияти соҳибкорӣ маҳсуб меёбад.

Фаъолнокии сармоягузориҳо дар бахши воқеии иқтисоди минтақаҳо барои афзоиш ва равнақи иқтидори тавлидии ҳам минтақаҳо ва ҳам барои кишвар дар умум, аз ҷумла дар сатҳи ташаккулдиҳии пойгоҳи буҷетӣ нақши ниҳоят мубрам дорад. Пояи асосии равнақу тавсеаи иқтисодӣ истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ маҳсуб меёбад, аммо аз солҳои аввали истиқлолият то ба якчанд соли охир, дар кишвари мо соҳаҳои нисбатан даромадноктар бахши молиявӣ, ашёӣ ба ҳисоб

мерафтанд. Аммо, дар натиҷаи татбиқи ҳадафҳои аслии дар СМР барои то соли 2030 дарҷ гардида, нақши соҳаи тавлидот ва саноати истеҳсолии кишвар низ рӯз то рӯз ба як бахши сердаромад мубаддал шуда истодааст.

Дар давоми солҳои охир, ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ мувофиқ ба маълумотҳои мавриди таҳлил қарор гирифта чунинанд, дар соли 2023 истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ мутаносибан ба 46,9 миллиард сомонӣ баробар шуд, ин нишондиҳанда дар қиёс ба соли 2018 бо нархҳои муқоисашаванда 77,9% (26,3 миллиард сомонӣ) барзиёд мебошад. Шумораи корхонаҳо бошанд, ба андозаи 1292 адад ё 59,8% ва теъдоди кормандони соҳаҳои саноатӣ-истеҳсолӣ то ба андозаи 2,2% афзоиш ёфтааст.

Бар ин асно, бо чунин андешаем, ки бо кумаки абзорҳои андозӣ метавон афзоиши маҳсулоти саноатиро густариш ва ҳамзамон, ба яке аз ҳадафҳои мубрами кишвар, яъне истеҳсоли молу маҳсулоти воридотивазкунанда такони ҷиддӣ бахшид (ниг. ба ҷадвали 8).

**Ҷадвали 8. - Бархе аз шохисҳои мушаххаскунандаи саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон** (бо нархҳои солҳои дахлдор**)**

| Нишондиҳанда | 2018 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | Тафовут 2023/2018, % |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Шумораи корхона, адад | 2161 | 2283 | 2397 | 2802 | 3453 | 159,8 |
| Ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ, млн. сомонӣ | 26339 | 32440 | 39187 | 42988 | 46857 | 177,9 |
| Ҳисоби миёнасолаи шумораи ҳайати саноатӣ-истеҳсолӣ, ҳазор нафар | 85,6 | 84,3 | 85,3 | 86,3 | 87,5 | 102,2 |

**Сарчашма**: Таҳия ва ҳисоби муаллиф дар асоси маълумоти [14, с.9].

Дар давоми солҳои 2018-2023 муносиб бо иттилооти таҳлилшуда ва мавриди пешниҳод қароргирифта, суръати рушди соҳаҳои саноат куллан фарқкунанда мебошад. Ба уновни мисол, новобаста аз он ки ҳаҷми маҳсулоти соҳаҳои саноати истихроҷ дар ҳамбастагӣ аз нархҳои солҳои дахлдор то ба 99,2% афзоиш ёфта бошад, пас дар бахши саноати коркард то ба111,1% афзоиш ёфтааст, аммо ин шохис дар истеҳсол ва бахши тақсимоти нерӯи барқ, об, газ ва гармӣ то ба 57,9% боло рафта, дар суръати умумии афзоиши ҳаҷми саноат ба 96,1% расидааст.

**Ҷадвали 9. - Ҳиссаи минтақаҳои кишвар дар ҳаҷми умумии саноати кишвар ва суръати афзоишёбии он**

| | 2018 млн. сомонӣ | Ҳисса | 2023 млн. сомонӣ | Ҳисса | 2023 нисбат ба 2018 | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | % | Банди % |
| Ҷумҳурии Тоҷикистон | 23894 | 100,0 | 46857 | 100,0 | 196,1 | - |
| ВМКБ | 238,2 | 1,0 | 214,8 | 0,4 | 90,2 | - 0,6 |
| Вилояти Суғд | 11498,4 | 48,1 | 26188,1 | 55,9 | 227,7 | + 7,8 |
| Вилояти Хатлон | 7294,0 | 30,5 | 11841,2 | 25,3 | 162,3 | - 5,2 |
| Душанбе | 2664,9 | 11,2 | 4265,1 | 9,1 | 160,0 | - 2,1 |
| НТҶ | 2198,5 | 9,2 | 4347,8 | 9,3 | 197,8 | + 0,1 |

**Сарчашма**: Таҳия ва ҳисоби муаллиф дар асоси маълумоти [14, с. 9-10].

Мувофиқ ба маълумоти дар ҷадвал пешкашшуда, баландтарин суръати афзоиш, ки нисбат ба суръати рушди саноати кишвар (2,0 маротиба) зиёдтар аст, дар чунин соҳаҳо ба мушоҳида мерасад: истеҳсоли маҳсулоти кимиёӣ (4,1 маротиба), мошинсозӣ (3,1 маротиба), истеҳсоли маҳсулоти резинӣ ва пластмасса (2,7 маротиба), истеҳсоли маҳсулоти металлургӣ ва тавлиди маҳсулот аз оҳан (2,4 маротиба).

Ҳамзамон лозим ба ёдоварист, ки дар чунин бахшҳои саноати миллӣ суръати афзоиш дар қиёс бо соҳаи саноат дар маҷмӯъ (196,1%) пасттар нишон дода шудааст, аз ҷумла истихроҷи масолеҳи мансуб ба бахши энергетикӣ (174,6 фоиз), истеҳсоли маҳсулоти нассоҷию дӯзандагӣ (181,5 фоиз), коркарди чӯб ва истеҳсоли маҳсулоти чӯбӣ (147%), истеҳсоли маҳсулоти когазӣ, фаъолияти нашриётию полиграфӣ (173,0%), истеҳсоли маҳсулоти нафтӣ (81,0%) ва истеҳсоли дигар маҳсулоти минералии ғайриметаллӣ (135,9%).

Фаъолнокии иқтисодии (ҳукумат, минтақа ва корхона) ин шохиси натиҷагирандаи фаъолияти сармоягузорӣ маҳсуб меёбад, ки бо ҳаҷм ва суръати ҷалби сармоя ба сармояи асосӣ ифода меёбад. Ногуфта намонад, ки чунин раванд аз ҷолибияти сармоягузорӣ вобаста мебошад ва он бо чунин параметрҳоро ба монанди фазо ва муҳити сармоягузориҳо муайян карда мешавад.

Механизми сармоягузорӣ дар иқтисоди кишвар на танҳо фурсатоваранда барои идоранаомии соҳаи сармоягузориҳо, балки он ҳамчун пойгоҳ барои идоранамоии ҳама бахшҳои мухталифи хоҷагии халқ дониста мешавад (ниг. ба расми 4).

Бунёди механизми сармоягузории минтақавӣ, барои мутобиқшавии босуръати соҳаи сармоягузории минтақа ба динамикаи омилҳои фазои дохилию беруна шароити ниҳоят заруриро фароҳам месозад. Ташаккул ва шаклдиҳии механизми босамари сармоягузории минтақа танҳо дар натиҷаи мушорикати мақомоти минтақавӣ амалӣ карда мешавад, зеро сохторҳои марбутаи минтақавӣ муайянкунандаи муҳтаво ва моҳияти механизм мебошанд, маҳз мақомоти минтақавӣ нақш ва мавқеи сармоягузориҳоро дар фазои иқтисодии минтақа мушаххас менамояд.




**Расми 4. - Унсурҳои сохтории механизми сармоягузорӣ дар минтақа**
**Сарчашма**: Таҳияи муаллиф.

Ба назари мо, ҷиҳати таъмини мувозинат барои ҳама субъектҳои фаъолияти сармоягузориҳо пешниҳоди чораҳои якранга ва дастгирии баробари ҳама минтақаҳо зарур арзёбӣ мегардад. Инчунин, чораҳо дар самти андозбандиҳоро на танҳо ба ташкилотҳои ҷалбкунандаи сармоягузориҳо, балки сармоягузорони онҳо низ ироа намудан мувофиқи мақсад мебошад, барои мисол дар шароити кишвари мо, бонкҳои тиҷоратӣ ва ширкатҳои суғуртавӣ яке аз муассисаҳое мебошанд, ки имкон доранд дар ин самт фаъолиятҳои худро бештар намоянд, бинобар ин чунин пешниҳод метавонад амалкардҳои бахши молиявии кишварро дар самти сармоягузориҳо ба маротиб афзоиш диҳад.

Ҳамзамон, ба унвони яке аз усулҳои тақвиятбахшандаи рақобатпазирии минтақа дар бозори молиявӣ ва мутаносибан баландбардории ҷолибияти сармоягузориҳо, бунёди як низоми муттаҳҳидсозандаи захираҳои молиявӣ дар пойгоҳи сохторҳои сармоягузории минтақаҳо, дар пояи ҳукуматҳои маҳаллӣ метавонад ба ҳисоб равад. Ин сохторҳо, имкон доранд то дороиҳои мавҷударо ба сармояи молиявӣ мубаддал намуда, баҳри маблағгузории лоиҳаҳои мубрам сафарбар намоянд.

Ба андешаи мо, бунёди сохторҳои сармоягузории минтақавӣ дар он ҳолат метавонанд бобарор бошанд, агар воситаҳои молиявии минтақа дар дохили минтақа нигоҳ дошта шаванд ва танҳо барои сармоягузории лоиҳаҳои мансуб ба минтақа сафарбар гарданд. Умуман, яке аз ҳадафҳои калидии минтақа дар самти ҷалби сармоягузориҳо, ин мубаддалгардонии равобити субъектҳои

хоҷагидорӣ ба навъи бозорӣ тавассути эҷоди инфрасохтори муносиб зарур арзёбӣ мегардад. Тавре аз мушоҳидаҳо бар меояд, баъзе аз минтақаҳои кишвар дорои иқтидори бузурги иқтисодӣ мебошанд, аммо ба таври қобили таваҷҷуҳ ин иқтидори мавҷудаи худро самаранок истифода наменамоянд. Бар ин асно, аз ҷумлаи вазифаҳои аслӣ баҳри баландбардории ҷолибияти сармоягузории минтақа, ба андешаи мо баруйхатгирии дороиҳои минтақа (иқтидори табиӣ, молиявӣ, истеҳсолӣ, иҷтимоӣ) ва мониторинги ҷории захираҳои мавҷуда зарур ба шумор меравад.

Лозим ба зикр аст, ки дар кишвари мо ба масъалаи маркетинги минтақаҳо таваҷҷуҳи зарурӣ дода намешавад, умуман дар минтақаҳои кишвар ва сохторҳои мақомоти марказӣ маркетинги иқтисодии минтақаҳо амалӣ карда намешавад. Дар шароити кунунӣ, барои ҷустуҷӯ ва дарёфти қисматҳои соҳавие, ки дар онҳо махсуснамоии иқтисоди минтақа бо мақсади равнақи дарозмуддати босамар (бар асоси афзоишдиҳии иқтидори истеҳсолӣ ва муфидият, тавлиди маҳсулоти тақозодошта) имконпазир мебошад, татбиқи таҳқиқотҳои маркетингӣ шарти зарурӣ арзёбӣ мегардад. Баъд аз интихоби стратегия ва бартариятҳо барои минтақа, мувофиқ ба назарияпардозиҳои маркетингӣ, мавқеъгирии минтақа амалӣ карда мешавад. Муносибтарин восита барои паҳннамоии иттилоот дар бораи минтақа ва ҳамзамон шаклдиҳии имиҷи мусоидатомез барои минтақа дар ҳоли ҳозир таблиғотҳои иттилоотӣ маҳсуб меёбанд. Ҳамин тавр, ҷараёнҳои маркетингӣ дар минтақаҳои кишвар умуман рушд наёфта мебошанд. Аз ин хотир, мо пешниҳодоти худро бар асоси созиши низоми маркетинги минтақавӣ дар маҷмуъ ироа хоҳем намуд. Чораҳое, ки метавонанд дар ташаккул ва шаклдиҳии имиҷи мусоиди минтақа созгорӣ намоянд, чунин буда, муносибатҳои зеринро дар дохили худ ҷой додаанд: таъсиси фонди венчурии минтақавӣ, бунёди оҷонсии рушди минтақаҳо, равнақи каналҳои паҳнкунандаи иттилоот дар мавриди ҷолибияти сармоягузориҳо ба минтақаҳо ва имконоти захиравӣ-табиии минтақа.

Ба андешаи мо бунёди фонди венчурии минтақавӣ метавонад дар ҷалби самроягузориҳо ба минтақа муосидат намояд. Ҳадаф ва вазифаҳои аслии фонди венчурии минтақавӣ тиҷоратикунонии коркардҳо ва кашфиятҳои илмӣ, яъне тақвиятбахшии иқтидори илмию зеҳнӣ барои коркарди лоиҳаҳо ва вориднамоии онҳо ба тиҷорат ва истеҳсолот мебошад.

Ҳамаи он вазифаҳои мансуб ба коркард ва татбиқи лоиҳаҳои инноватсионӣ ва инчунин ҷустуҷӯи сармоягузорони эҳтимолӣ аз ҷониби ширкатҳои идоракунанда бояд амалӣ карда шаванд. Чунин ширкатҳо аз раванди аккредитатсияи давлатӣ гузашта, соҳиби мақоми ваколатдори фонди венчурии минтақавӣ мегарданд. Ҳавасмандии ширкатҳои ваколатдор бо таваҷҷуҳ мукофотпулиҳо дар натиҷаи иҷрои бомуваффақи лоиҳа алоқамандӣ дорад.

Вазифаҳо ва ҳадафҳои аслии фонди венчурии минтақавӣ:

- Коркарди пойгоҳи меъёрӣ-ҳуқуқии танзимкунандаи механизмҳои сармоягузории венчурӣ;
- Интихоб, оғози марҳилаи маблағгузорӣ ва расонидан то марҳилаи татбиқи аввали лоиҳаҳои сармоягузорӣ.

Механизми дигаре, ки метавонад дар равнақу ривоҷи сармоягузориҳо ба минтақаҳо мусоидат намояд, ин таъсиси Оҷонсии минтақавии рушд ба ҳисоб меравад. Ҳадафи аслӣ аз таъсиси чунин оҷонсӣ, қабл аз ҳама мусоидат ба корхонаҳо дар самти ҷалби сармоя ва созгорӣ бо сармоягузорон дар таъсиси корхонаҳои навбунёд ва таҷдиди корхонаҳои мавҷуда, инчунин, васеъгардонии истеҳсолоти амалкунанда мебошад. Барои расидан ба ин ҳадафҳо, Оҷонсии минтақавии рушд фаъолияти худро ба самтҳои зерин сафарбар хоҳад намуд:

- ❖ Машваратдиҳӣ ба корхонаҳо доир ба масъалаи ҷалби сармоя;
- ❖ Расонидани кумакҳо ҳангоми барасмиятдарории лоиҳаҳои сармоягузорӣ ва ҷобаҷогузорию барасмиятдарории ҳуҷҷатҳои зарурӣ барои татбиқнамоии онҳо;
- ❖ Расонидани кумаку дастгириҳои иттилоотӣ ба сармоягузорони азиме, ки дар сармоягузориҳо ба минтақа ҳавасманд мебошанд (сармоягузорони хориҷӣ, сармоягузорони хусусии дохилӣ, бонкҳо, ширкатҳои суғуртавӣ ва дигар фонду муассисаҳои фаъолиятдошта);
- ❖ Ба роҳ мондани гуфтушунид, машваратҳо ва дигар чорабиниҳои зарурӣ бо сармоягузорони стратегӣ бо мақсади ҷалби бештари онҳо ба минтақа;
- ❖ Ташкилу татбиқи таҳлили лоиҳаҳои сармоягузорӣ, дархостҳо барои коркарди лоиҳаи сармоягузорӣ дар самти муносибсозӣ бо муқаррароти мавҷудаи қонунгузорӣ;
- ❖ Ифшонамоии иттилоот дар бораи лоиҳаҳои сармоягузории мавҷуда, талаботҳо ва шарту шароити татбиқи сармоягузориҳо ба ҳама афроди рағбатдошта ба таври доимӣ;
- ❖ Расонидани хизматҳои машваратӣ ба корхонаҳо доир ба масоили расонидани дастгириҳои ҳадафманди суроғавӣ аз буҷети минтақа.

Бунёд ва равнақи роҳҳои паҳнкунандаи иттилоотӣ дар бораи ҷолибияти сармоягузорӣ ба минтақа, ба андешаи мо, метавонад дар иттилоотинамоии сармоягузорони эҳтимолӣ нақши назаррас дошта бошад. Асоситарин бозорҳои мақсаднок ба таври мустақим ба истеҳсоли маводҳои кумаккунандаи таблиғотӣ дар вобастагӣ аз забоне, ки ин маводҳо бояд пешниҳод карда шаванд, мусоидат менамоянд. Бинобар ин, барои ҳарчи хубтар муаррифинамоии имкониятҳо маводҳои таблиғотӣ бояд бо якчанд забон омода ва пешниҳод карда шаванд. Зеро пешниҳоди имкониятҳои сармоягузории минтақа бо забонҳои мухталиф метавонад сармоягузоронро аз давлатҳои гуногун ва қитъаҳои ҷудогона ба кишвар ва минтақа ҷалб намояд. Аммо барои густариши ин раванд, бояд иттилоот шаффоф, васеъ ва фарогири ҳама паҳлуҳои барои сармоягузориҳо муфид бархурдор бошад.

Барои тавсеаи ин механизм сохторҳои марбутаи минтақавӣ бояд дорои сомона бошанд, ки тавассути он таблиғоти имконоти асосии минтақа дар бахшу соҳаҳои мухталиф амалнамуда анҷом дода мешаванд. Доштани сомона сабаби як қатор бартариҳо, аз ҷумла таблиғи имконот дар саросари ҷаҳон бо камтарин харҷ имкони воридсозии иттилооти нав ва паҳннамоӣ дар сатҳи фаромилалӣ мегардад.

Ба андешаи мо, бояд ҳукумати кишвар ва сохторҳои дахлдори он дар симои вазорату кумитаҳо дар таъсиси намоишгоҳҳо дар дохили кишвар

кӯшишҳои бештарро ба сомон расонанд. Инчунин, бояд алоқаи сохторҳои марбутаи давлатӣ бо тавлидкунандагони маҳсулоти ватанӣ ва корхонаҳои саноатӣ боз ҳам ҳамгиротар карда шавад. Тавре маълум аст, яке аз роҳҳои ҷалби сармоя ба минтақаҳо ин роҳандозии намоишгоҳҳо ба ҳисоб меравад. Таъсиси чунин як платформа имкон дорад дар ҷалби сармоя ба минтақаҳо ва тавсеаи иқтисодии онҳо муосидат намояд, зеро дар ин намоишгоҳҳо маҳсулоти истеҳсолнамудаи минтақаҳо, иқтидори мавҷуда мавриди пешниҳоди сармоягузорони эҳтимолӣ қарор дода мешавад. Аз тарафи дигар, ҷалби корхонаҳои истеҳсолии минтақавӣ ба намоишгоҳҳои кишварҳои ҳамсоя ва дуру наздик метавонад дар ҷалби сармояи мустақим ва хусусии хориҷӣ ба иқтисоди минтақа созгорӣ намояд. Қобили зикр аст, ки иштироки фаъоли корхонаҳои минтақавӣ дар чунин анҷуману намоишгоҳҳо, метавонад на танҳо дар баландбардории нуфузу имиҷи минтақаҳо, балки дар афзоиши имиҷи кишвар таъсири беназир дошта бошад.

Бинобар ин, ба андешаи мо, ташкили намошгоҳҳо дар маркази ҷумҳурӣ ва берун аз он, метавонад барои кишвари мо ва махсусан барои рушди минтақаҳо заминаи асосӣ гузорад. Аз ин хотир, ташвиқу тарғиби ин амал барои кишвари мо ҳамчун як механизми ҷалбкунандаи сармоя ниҳоят муҳим арзёбӣ мегардад.

Фароянди дигари баландбардорандаи иқтидори сармоягузории минтақа ва дар ин замина тақвиятбахшандаи ҷолибияти сармоягузории минтақа, шаклдиҳии имиҷи мусбии маъмуриятҳои минтақавӣ ба шумор меравад. Бинобар ин, ба андешаи мо дар кишвар бояд ба ин масъала аҳамияти аввалия дода шавад. Инчунин, яке аз нуқтаҳои калидии тавсеабахшандаи ин раванд, интихоби мутахассисон дар бахши идоранамоӣ ва маъмуриятчигӣ мебошад. Зеро, маҳз роҳбари кордон ва таҷрибадор метавонад дар баландбардории имиҷи мусбии мақомоти минтақавӣ накш дошта бошад. Мувофиқ ба таҷрибаи ҷаҳонӣ, роҳбарияти минтақа дар сурати малакадориаш метавонад дар баргузории анҷуманҳои мансуб ба ҷалби сармоя, муаррифии имконоти минтақа, ҷолибияти пешниҳоди имтиёзҳо барои сармоягузорӣ нақши асосиро иҷро намояд.

## ХУЛОСАҲО ВА ТАВСИЯҲО

### Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия

1. Дар шароити иқтисоди бозорӣ масъалаи тавсеаи минтақаҳои кишвар дар роҳи расидан ба рушди иқтисодӣ-иҷтимоӣ ҷолибтарин ҳадаф ба шумор меравад. Аз ин хотир, давлат кӯшиш менамояд, то ба воситаи имконоти мавҷуда ва бо назардошти омӯзишу татбиқи матлабҳои назариявии аз ҷониби олимон ва муҳаққиқон ифшошуда дастгирии ҳаматарафаи минтақаҳои кишварро ба роҳ монад. Аз ин лиҳоз, айни замон ба масъалаҳои барои сармоягузориҳо аз тарафи ҳукумати кишвар дар ҳамбастагӣ бо ҳукуматҳои минтақавию маҳаллӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда мешавад. Дар ҳоли ҳозир, ҷиҳати ҷалби сармоя ва сармоягузорони эҳтимолӣ бо назардошти назарияҳои вобаста ба ин самт ироагардида аз ҷониби ҳукумати кишвар имтиёзҳои мухталифи андозию гумрукӣ ва ҳамзамон дигар навъҳои имтиёзӣ мавриди омӯзиш ва татбиқ қарор дода шудаанд. Ҷиҳати татбиқи сиёсати сармоягузорӣ дар кишвар дар баробари олимони хориҷӣ, андеша ва назароти муҳаққиқон ва

олимони ватанӣ низ мавриди омӯзишу баррасӣ қарор дода шудаанд. Андешаҳо ва диди олимони ватанӣ дар рафти татбиқу таҳлили мавзӯи баррасишаванда истифода карда шудаанд. Ба андеша ва назари мо, ин кашфиётҳо дар густариши такмили механизмҳои дастгирии сармоягузории сиёсати иқтисодӣ-иҷтимоии минтақа метавонад нақши калидӣ дошта бошанд [1-М], [6-М].

2. Дар натиҷаи таҳлили вазъи муосири рушди иқтисодӣ-иҷтимоии НТҶ муайян гардид, ки тамоюли рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии ин минтақа новобаста аз омилҳои мухталиф дар ҳоли инкишофёбӣ қарор дорад. Ҳолати кунунии иқтисодӣ-иҷтимоии ҳар як минтақа аз имконоти рушди иқтисодии он вобаста мебошад. Аз ин ҷиҳат, мақомоти марказӣ ва минтақавиро зарур аст, ки баҳри расидан ба рушди устувор аз ҳама имкони истифода намоянд. НТҶ аз бисёр ҷиҳат имкон доранд, иқтидори сармоягузории худро вусъат бахшанд ва яке аз чунин имкониятњо ин мавқеи ҷуғрофии он мебошад. Мувофиқ ба таҳлилҳои дар ин самт роҳандозишуда, яке аз роҳҳои таъмини рушди иқтисодӣ- иҷтимоӣ ин ҷалби сармоя, аз ҷумла сармояи хориҷӣ ба ҳисоб меравад. Роҳандозии сиёсати самараноки минтақавии давлатӣ дар ҷумҳурӣ шароит муҳайё намуд то дар муддати кӯтоҳ иқтидори иқтисодии минтақаҳои ҷумҳурӣ афзоиш ёбад, самараи чунин иқдом аст, ки МММ – и дар кишвар дар давраи таҳлилӣ 179,1% афзоиш ёфт. Қайд намудан зарур аст, ки таъмини рушди иқтисодии минтақаҳо ва дар ин замина афзоиши ҳиссаи онҳо дар МММ новобаста аз таззодҳои сатҳи ҷаҳонӣ ва авҷгирии беморции сироятии COVID -19 ба маврид рушд намуд [2-М], [8-М].

3. Дар натиҷаи таҳлили роҳандозишуда мушаххас гардид, ки дар НТҶ яке аз соҳаҳои нисбатан инкишофёфта, бахши саноат ва истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ба ҳисоб меравад. Ҳиссаи НТҶ дар ин бахш вобаста ба имкониятҳо дар ҳоли афзоишёбӣ қарор дорад, аз ҷумла дар давоми давраи мавриди таҳлил қарор дода шуда ин нишондиҳанда боло рафааст, агар ҳиссаи НТҶ дар ин бахш дар соли 2019 дар умум 3124 млн.сомониро ташкил намуда бошад, пас дар соли 2023 ба андозаи 4348 млн. сомонӣ ва ё 1,4% афзоиш ёфтааст. Қобили зикр аст, ки ин нишондиҳанда барои минтақа қаноатбахш мебошад, чунки дар қиёс бо НТҶ дар ҷумҳурӣ ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ 1,6% афзоиш ёфтааст. Умед аст, ки дар натиҷаи татбиқи абзорҳои зарурии ҷалбкунандаи сармоягузорӣ нишондиҳандаҳои мансуб ба ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар кишвар зиёд карда шаванд [4-М].

